РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВА РУШДИ ДУШАНБЕ с. 8
ГУТЕРРИШ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ с. 4
ВАКИЛ 1 МИЛЛИОНРО ТАСАРРУФ КАРД с.11



# ТОҶИКИСТОН

№27 (1590), 03.07.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# ТАҚВИЯТИ РОБИТАҲО

## ҷузъиёти сафари Сарвазири Покистон ба Тоҷикистон



ДАР ИН ШУМОРА:

**СИ ҶИНПИН**
Тавонотарин шахси сайёра с.7

**РАВОДИД**
Расман миёни Эрону Тоҷикистон лағв шуд с.2

**40%**
Аз 1 июл маошу нафақа боло меравад с.3

**АЪЗАМ АҲРУЛЛОЕВ:**
Аз оғози тиҷорат набояд тарсид с.5

**ЭРОН**
Пизишкиён президент мешавад ё Ҷалилӣ? с.4

**ХУРШЕД ИБРОҲИМЗОДА**
Оё қотил боздошт шуд? с.11

**РУСИЯ**
Боздошти мураббии тоҷик бо иттиҳоми терроризм с.11

**ВАРЗИШ**
Киҳо ба олимпиадаи Париж-2024 мераванд? с.15

МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ
АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
ШИРКАТИ СОХТМОНӢ



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ БА ҚАЗОҚИСТОН

**Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар воҳӯрии сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ба шаҳри Остона сафар кард.**

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи мазкур имрӯз, 3-юми июл бо Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев мулоқот кард. Дар воҳӯрӣ ҷанбаҳои мухталифи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистон, масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи навбатии Созмони ҳамкории Шанхай ва мавзуоти алоҳидаи минтақавию байналмилалӣ баррасӣ шуданд.

Инчунин, масоили рушду инкишофи муносибатҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷоративу иқтисодӣ, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёти ҳавоӣ ва амнияти муҳокима гардид.

Баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе аз масъалаҳои дигари мулоқот буд.

Дар рафти суҳбат чараёни кор дар соҳаи рақамикунонӣ ва масъалаи ҷудо кардани бурсияҳо барои тайёр намудани мутахассисони тоҷик дар соҳаи технологияи иттилоотӣ баррасӣ шуд.

## ЛАҒВИ РАСМИИ НИЗОМИ РАВОДИД БАЙНИ ЭРОНУ ТОҶИКИСТОН

**Ҳайати вазирони Эрон номаи тасвиби лағви раводид бо Тоҷикистонро имзо ва расонай кард.**

Дар асоси ин номаи тасвиб, Вазорати корҳои хориҷии Эрон мувазза̄ф шудааст, ки муқарраротҳи лағви раводид миёни ҳукумати Эрон ва ҳукумати Тоҷикистонро иҷро кунад.

**Дар ҳамин ҳол, Эрон низоми раводидро бо шартҳои зерин лағв кардааст:**

*- давомнокии будубош: 30 рӯз;*

*- намуди сафар: танҳо сафари ҳавоӣ;*

*- масир: аз Душанбе ба Теҳрон ва баръакс;*

*- шарти амали мутақобила: дар сурати амали мутақобилаи ҳукумати Тоҷикистон;*

Таъкид мегардад, ки танҳо баъди ба анҷом расидани масъалаҳои ҳуҷҷатгузорӣ, рӯзи ба иҷро даромадани лағви низоми раводид муайян ва бо мактуби расмӣ ҷониби Тоҷикистон огоҳ карда мешавад.

Ба иттилои Сафорати Эрон дар Тоҷикистон, ҳайати вазирони Эрон ҳанӯз дар замони зинда будани раисиҷумҳури қаблӣ Иброҳим Раисӣ номаи лағви раводид миёни Тоҷикистону Эронро ба имзо расонидааст. Аммо аз сабаби рух додани ҳодисаҳои ноҳуш бо марҳум Иброҳим Раисӣ ин масъала то рӯзи 1-уми июл ба таъхир афтод.

Аз Сафорати Эрон дар Тоҷикистон гуфтанд, ки ҳоло вазоратҳои корҳои хориҷии Эрону Тоҷикистон масъалаҳои муқаддамотии иҷроро баррасӣ мекунанд.

## ТАШХИСУ ТАБОБАТИ 3-РӮЗАИ РОЙГОН ДАР ХОРУҒ

**Рӯзҳои 7, 8 ва 9-уми июли соли равон дар шаҳри Хоруғ ба сокинон хизмати ройгони тиббӣ расонида мешавад.**

Бо ин мақсад мутахассисони соҳаи тиб аз шаҳри Душанбе ба шаҳри Хоруғ фиристода мешаванд. Ташхис ва табобат аз рӯйи бемориҳои дарунӣ, кӯдакона, занона, асабшиноси кӯдакона ва калонсол, ҷарроҳии асаб, табобати бемориҳои дил, чашм, табобати равматолог, нефролог, ҷарроҳии рагҳои хунгард, эндокринолог, табибони функсионалист, рентгеншинос, табобати урологӣ, табобати саратоншинос, табобати мамолог сурат мегирад.

Сокинони ВМКБ метавонанд ба беморхонаи вилоятӣ муроҷиат намоянд ва табобат аз ҷониби пизишкон ройгон ба роҳ монда мешавад.



*Дилафрӯз Холбоева, косметолог*

## КОСМЕТОЛОГҲО СОҲИБИ АССОТСИАТСИЯ МЕШАВАНД

**Масъалаи таъсиси Ассотсиатсияи косметологҳои Тоҷикистон зимни ҷаласаи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода баррасӣ шуд.**

Вазир вобаста ба таҳлилу баррасии вазъи хизматрасонии тиббии марказҳои хусусии косметологии мамлакат иброз намуд, ки кормандони ин марказҳо бояд аз машғулиятҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ гузашта, бо сертификати косметологӣ таъмин бошанд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ 17 маркази косметологӣ фаъолият менамояд, ки аз ин 11 адад дар шаҳри Душанбе ва 6 адад дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд қарор дорад.

Пешниҳод шудааст, ки мушкилоти соҳаи мазкур бояд дар нишастҳои ассотсиатсия баррасӣ гарданд.

## САРИ САБЗ



**Эргашбой ҒАФУРОВ,** устои ҳунарҳои қадимӣ

**- Аксари аъчубаҳо ба паранда ё ягон намуди дигари ҳайвон монанд бошанд ҳам, бо як ҷузъиёт фарқ мекунанд. Ваҳмовар ё ғайриоддӣ будани аъчубаҳо ҳатмист. Ҳуди мафҳуми аъҷуба маънои таааҷҷубоварро дорад. Имрӯзҳо кӯдакон аъҷубаҳоро ҳамчун ҳуштак истифода мебаранд.**

*- Эҳа, шумо аз замона хеле қафо мондагӣ барин, муҳтарам усто! Як назар ба бозору мағозаҳо кунед, ҳуштакҳои чинӣ тамоми ҷоро зер кардаанд, ҳатто ҳушу ёди кӯдаконро.*



**Мусаллама МУХТОРОВА,** наттоки собикадори телевизион

**- Унвондорон унвони маро надоранд! Албатта, бояд ба ҳар кас арҷгузорӣ карда шавад, аммо ман дилозурда нестам, зеро унвони баланди меҳру муҳаббати самимии мардумро соҳибам. Солҳои охир дарк кардам, ки чӣ қадар тамошобин маро дӯст медоранд.**

*- Унвони шуморо надошта бошанд ҳам, унвонҳои ҷоизаву подошдор доранд ку! Ё фикр мекунед, ки барои як нафари хизматкарда ҳамон меҳру муҳаббати мардум кифоя аст?*



**Аслиддин РАҶАБЗОДА,** мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил

**- Омилҳо лозиманд, ки нафарони сироятёфта ба бемории сил гирифтор шаванд, хоҳ кӯдак бошад, хоҳ шахси калонсол. Омилҳо ҳамин аст, ки масъунияти бадан паст мегардад ва боиси гирифторшавии шахси сироятёфта ба сил мегардад.**

*- Ин омилҳояшро дониста гирифтем, рафиқ доктор. Акнун, лутфан, бигӯед, ки омилҳои баланд кардани масъунияти бадан кадомҳоянд, то аҳолӣ аз онҳо истифода баранд?*



# ТАҚВИЯТИ РОБИТАҲО

## ҷузъиёти сафари Сарвазири Покистон ба Тоҷикистон

**ҲАМКОРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ПОКИСТОН ДАР СОҲАҲОИ ГУНОГУН, АЗ ИҚТИСОД ВА ЭНЕРГЕТИКА ТО ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ ДАР СОЛҲОИ АХИР ГУСТАРИШИ НАЗАРРАС ДОШТААСТ. ИН ҲАМКОРИҲО МАХСУСАН ПАС АЗ САФАРИ РАСМИИ САРВАЗИРИ ПОКИСТОН ШАҲБОЗ ШАРИФ БА ТОҶИКИСТОН, КИ РӮЗҲОИ 2-3-ЮМИ ИЮЛИ СОЛИ РАВОН БАРГУЗОР ШУД, БОЗ ҲАМ АМИҚТАР ШУДААНД. САРВАЗИР ДАР ИН САФАР БО ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МУЛОҚОТ НАМУД ВА ЧАНДИН САНАДҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАҲОИ МУХТАЛИФ БА ИМЗО РАСИДАНД.**

Дар байни ин санадҳо Протоколи ҳамкорӣ байни вазоратҳои саноат ва технологияҳои ҳар ду кишвар, созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ ва харитаи роҳ барои рушди сайёҳӣ шомиланд. Ин санадҳо заминаи ҳуқуқиро барои ҳамкориҳои минбаъда фароҳам меоранд ва имкон медиҳанд, ки табодули дониш ва таҷриба дар сатҳи байналмилалӣ тақвият ёбад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисод ва тиҷорат низ мавқеи муҳим доранд. Тибқи маълумотҳои оморӣ, гардиши савдои хориҷӣ миёни Тоҷикистон ва Покистон дар соли 2023 ба 527 миллион доллар расидааст, ки нишондиҳандаи рушди назаррас аст. Ду кишвар хусусан ба густариши содироти меваю сабзавоти табиӣ ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ аз Тоҷикистон ба Покистон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Дар самти энергетика, лоиҳаи бузурги энергетикии КАСА-1000, ки ҳадафаш интиқоли барқ аз Осиёи Миёна ба Осиёи Ҷанубӣ мебошад, намунаи боризи ҳамкории миёни ин ду кишвар аст. Тоҷикистон ва Покистон ҳамроҳ бо Қирғизистон ва Афғонистон дар татбиқи ин лоиҳаи стратегӣ сахми калидӣ доранд, ки ин кишварҳоро дар заминаи энергетикӣ ба ҳам пайванд мекунад. Ин лоиҳа на танҳо ба таъминоти энергия дар Покистон кумак мекунад, балки ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ фоида меорад, зеро ин кишвар як манбаи асосии тавлиди энергия барои ин лоиҳа мебошад.

Бахшҳои маориф ва илм низ аз ҳамкориҳои муҳим миёни ду кишваранд. Барои мисол, Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Панҷоб, ки табодули донишҷӯён ва олимонро дар бар мегирад, бозгӯи он аст, ки ду кишвар ба афзоиши ҳамкориҳои илмӣ ва таҳсилотӣ манфиатдоранд.

Дар соҳаи варзиш, ба монанди федератсияи крикет, таваҷҷуҳ намудан ба ин намуди варзиш, ки дар Покистон маъруф аст ва дар Тоҷикистон рӯ ба рушд дорад, метавонад заминаи дӯстии байни мардумони ду кишварро тақвият бахшад.

Иқдомҳо дар соҳаи нақлиёт ва логистика, ба монанди Ёддошти тафоҳуми миёни мақомоти Тоҷикистон ва ширкати логистикии пешбари Покистон, иқдоме барои густариши ҳамкориҳои транзитӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Ин ҳамкориҳо ба ташкили занҷири таъминоти муассир ва бехатар кумак мекунанд, ки метавонанд тиҷорати минтақавии ду кишвар ва минтақаро бехтар созанд.

Дар ҷамъбаст, равобити миёни Тоҷикистон ва Покистон, ки аз рӯи санадҳои ҳамкории дуҷониба ва табодули дипломатӣ ва иқтисодӣ мушаххас мешаванд, ба сӯи ҳамгироии бештар ва эҷоди имконоти нави ҳамкорӣ пеш меравад. Ин муносибатҳо на танҳо барои ду кишвар, балки барои минтақа дар маҷмӯъ муҳим мебошанд, зеро онҳо ба рушди иқтисодӣ ва устуворӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ кумак мекунанд.

**Маълумотнома**

Шаҳбоз Шариф сиёсатмадори шинохтаи Покистон аст. Ӯ аз 11-уми апрели соли 2022 Сарвазири Покистон мебошад. Номбурда 23-юми сентябри соли 1950 дар Лоҳури Покистон таваллуд шудааст. Ӯ аз хонадони маъруфи сиёсӣ - хонадони Шариф ба шумор меравад. Падараш Миён Муҳаммад Шариф саноатчӣ ва сиёсатмадор буд ва бародараш Навоз Шариф се маротиба дар мақоми сарвазирии Покистон фаъолият кардааст.

Шаҳбоз Шариф маълумоти худро дар Донишгоҳи Ҳукумати Панҷоб ва Донишгоҳи Квинс дар Канада ба даст овардааст, ки дар онҷо дар соҳаи тиҷорат таҳсил кардааст. Ӯ карераи сиёсии худро дар давоми солҳои 1980-ум оғоз кард ва аввал дар мансабҳои маҳаллӣ фаъолият мекард. Шаҳбоз ду маротиба - солҳои 1997 то 1999 ва 2008 то 2018 дар мақоми Бошвазири вилояти Панҷоб, калонтарин вилояти Покистон хизмат кардааст. Дар давоми раёсати ӯ вилоят шоҳиди рушди назаррас дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтор гардид.

Баъди ба мақоми сарвазирӣ расиданаш дар соли 2022, Шаҳбоз Шариф ба масъалаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард ва дар пайи рушди равобити хориҷии Покистон, аз ҷумла бо ҳамсоякишварҳо ва давлатҳои дигар кор мекунад. Ӯ ҳамчунин ба идомаи ислоҳоти дохилӣ ва таъмини суботи сиёсӣ дар кишвар талош дорад.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**«Тоҷикистон»**



**Дар Тоҷикистон аз аввали моҳи июли соли ҷорӣ фармони президент дар бораи афзоиши музди кор, идрорпулӣ ва нафақа мавриди амал қарор гирифт.**

Тибқи ин фармон маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигари буҷетӣ аз 1-уми июл 40 дарсад зиёд мегардад. Ҳамчунин, нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо аз 1-уми июли соли ҷорӣ 30 дарсад зиёд карда мешаванд.




**Обуҳавои моҳи июл дар Тоҷикистон гарм ва ҳарорат каме бештар аз меъёри иқлимӣ мешавад. Дар ин бора Агентии обуҳавошиносии ҷумҳурӣ хабар медиҳад.**

Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар ҳудуди меъёри иқлимӣ, дар баъзе ноҳияҳо аз меъёри иқлимӣ 1º баландтар пешгӯӣ шудааст. Ҳарорат дар водиҳо 27+32º гарм, дар ноҳияҳои доманакӯҳӣ 25+26º гармиро ташкил медиҳад. Нимаи дуюми моҳ боронҳои кӯтоҳмуддат ва раъду барқ дар назар аст.



**Муҳаннад Маҳмадшоев, хонандаи синфи 3-и Мактаби байналмилалии Душанбе дар озмуни байналмилалии "HIPPO" аз забони англисӣ сазовори ҷои ифтихорӣ гардид.**

Дар ин озмун аз 22 кишвари олам хонандагон ширкат варзиданд ва Муҳаннад ягона иштироккунанда аз Тоҷикистон буд. Ассотсиатсияи байналмилалии "HIPPO" соли 2012 бо ҳадафи пешбурди дониши забони англисӣ ва муттаҳид кардани кӯдакон аз кишварҳои гуногун таъсис ёфтааст ва ҳамасола ин озмуни байналмилалиро баргузор менамояд.



РИА НОВОСТИ

**Доналд Трамп гуфт, ки агар ӯ дар интихобот пирӯз шавад, ба низоъ дар Украина хотима хоҳад дод.**

Вай дар ин бора дар як гирдиҳамоӣ дар Филаделфия (Пенсилвания) изҳор дошт. Суханронии ӯро портали Times Now дар YouTube пахш кардааст. "Ман муноқишаи даҳшатбор байни Русия ва Украинаро пеш аз шуруи маъмурият, чанде пас аз пирӯзӣ дар интихоботи президентӣ ҳал мекунам",- гуфт Трамп. Илова бар ин, сиёсатмадор ваъда дод, ки метавонад ҷанги сеюми ҷаҳонро пешгирӣ кунад.



LENTA.RU

**Хадамоти федералии андози Русия суратҳисоби бонкии Ҳабиб Нурмухаммадов, қаҳрамони пешини ташкилоти UFC-ро бастааст. Гуфта мешавад, ки Ҳабиб ва ширкатҳои вобаста ба ӯ аз андоз зиёда аз 300 миллион рубл қарздор мебошанд.**

Феълан суратҳисоби фонди хайриявии Ҳабиб Нурмухаммадов ва ҳамчунин ташкилоти ӯ бо номи Eagle FC баста шудааст. Ҳабиб баъд аз поёни корномаи варзишиаш дар муҳорибаҳои омехта ба тиҷорат гузашт. Чанд ширкати фурӯши хӯроки варзишӣ, сайёҳӣ, мобилӣ ва силсилаи тарабхонаҳо ба ин варзишгар рабт дода мешаванд.



The Philadelphia Inquirer

**Президенти Украина Владимир Зеленский гуфт, ки танҳо тавассути миёнаравҳо бо ҳамтои русаш Владимир Путин гуфтугӯ мекунад.**

Зеленский гуфтааст, ки дар ҳоли ҳозир имкони гуфтугӯ миёни раҳбарони Русия ва Украина танҳо аз ин тариқ вуҷуд дорад. Ҳамчунин, ӯ таъкид кард, ки феълан бо шарикони ғарбии кишвараш дар бораи дарёфти мушакҳои дурпарвоз ва ҳадаф қарор додани пойгоҳҳои Русия гуфтугӯ дорад. Кремл борҳо эълон кардааст, ки бо Украина дар ҳоле гуфтугӯ мекунад, ки Киев вилоятҳои ишғолӣ, аз ҷумла Қримро ҷузъи қаламрави Русия эътироф кунад.

# ГУТЕРРИШ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Аз ҳалли мушкили марз то ҳушдор ба сарони кишварҳо

**Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид (СММ) Антониу Гутерриш бо сафари корӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қарор дорад. Сафари ӯ 30-юми июн оғоз шуда, қарор аст то 7-уми июл идома кунад.**



### Орден ба Гутерриш

Сафари Гутерриш 30-юми июн маҷмааи Ҳазрати Имом оғоз шуд. Рӯзи 1-уми июл бошад, аз неругоҳи барқи офтобии RiverSide дар вилояти Тошканд, инчунин маҳалла дар ноҳияи Яккасаройи пойтахт боздид намуд.

Ҳамчунин дабири кулли СММ бо президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мулоқот намуда, дар масоили ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва иттилоотӣ дар минтақа суҳбат кардааст. Пас аз вохӯрӣ Мирзиёев ба Антониу Гутерриш ордени "Дӯстлик" тақдим намудааст.

### Ҳалли мушкили марз

"Мо бовар дорем, ки масъалаи сарҳад бо Тоҷикистон бо роҳҳои дипломатӣ, осоишта ва тавассути музокирот ба мисли Ӯзбекистон ҳал мешавад",- гуфт дабири кулли СММ Антониу Гутерриш ба президенти Қирғизистон Садир Ҷабборов зимни мулоқоташ рӯзи 2-юми июл дар шаҳри Чолпон-Ота. Дар ин бора АКИпресс хабар медиҳад.

Дар девони вазирони Қирғизистон хабар доданд, ки дабири кулли СММ шоми 1-уми июл ба Қирғизистон ташриф овардааст.

Дар ҷараёни сафараш Гутерриш бо ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои Барномаи рушди СММ дар ин кишвар шинос мешавад.

### Таваҷҷуҳ ба ташаббусҳои Тоҷикистон

Гуфта мешавад, ки яке аз мавзуҳои асосии сафари Гутерриш ба Осиёи Марказӣ мубориза бо тағйирёбии иқлим мебошад. Қарор аст ӯ ин мавзӯро дар нишасти Созмони ҳамкории Шанхай, ки рӯзи 4-уми июл дар Остона баргузор мешавад, матраҳ намояд.

Дар сафари Гутерриш Тоҷикистон мақоми хос хоҳад дошт, зеро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои баланд муҳим будани масъалаи тағйирёбии иқлимро ба миён гузошта, дар ин самт ташаббусҳои худро муаррифӣ кардааст. Аз ҷумла масоили ҳифзи пиряххоро дар СММ Тоҷикистон матраҳ кардааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳоло дар Тоҷикистон беш аз 13 ҳазор пирях ба қайд гирифта шуда, тақрибан 60 фоизи захираҳои обии минтақа дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Солҳои охир беш аз ҳазор пирях об шуда, ин ба нигоҳдории экосистемаи Осиёи Марказӣ оқибатҳои ҷиддӣ ба бор меорад.

Мувофиқи таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2018, Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи дорои дараҷаи баланди осебпазирӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим арзёбӣ шудааст.

# УСУЛГАРО Ё ИСЛОҲТАЛАБ

## Кӣ президенти Эрон мешавад?

**Интихоботи президентии Эрон ба даври дуюм гузашт. Ҷумъаи оянда, 5-уми июл номзадҳо Масъуди Пизишкиён ва Саид Ҷалилӣ барои курсии президентӣ мубориза хоҳанд кард.**



### Интихоботи пеш аз мӯҳлат

Дар даври аввали интихобот, ки 28-уми июн баргузор шуд, чаҳор номзад иштирок доштанд, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо раъйи лозимаро ба даст наовард.

**Масъуд Пизишкиён**, номзади ислоҳталабон бо беш аз 10,4 миллион раъй дар мақоми аввал қарор гирифт.

**Саид Ҷалилӣ**, ки дар даври дуюм бо Пизишкиён мубориза хоҳад бурд, бо каме бештар аз 9,4 миллион раъй мақоми дуюмро касб намуд.

Ду номзади дигар - Муҳаммад Боқири Қолибоф 3,4 миллион ва Мустафо Пурмуҳаммадӣ бештар аз 206 ҳазор раъй ба даст оварданд.

Тибқи иттилои комиссияи интихоботии Эрон аз 62 миллион раъйдиҳанда ҳамагӣ дар интихобот беш аз 24,5 миллион нафар иштирок намудаанд, ки камтарин ҳузури мардум дар интихобот дар таърихи ин кишвар арзёбӣ мешавад.

### Саид Ҷалилӣ - номзади усулгаро

Саид Ҷалилии 58-сола зодаи Машҳад мебошад. Дар донишгоҳи Имом Содиқ дар Теҳрон таҳсил кардааст ва мадраки доктори улуми сиёсӣ дорад. Дар ҷанги Эрону Ироқ дар сафи Сипоҳи посдорони Инқилоби Исломӣ хизмат кардааст. Дар вазифаҳои роҳбари дастгоҳи Раҳбарии олӣ ва муовини вазири корҳои хориҷии Эрон кор кардааст.

Ҷалилӣ алакай дар корзори интихоботӣ соҳибтаҷриба мебошад. Дар интихоботи президентии соли 2013 номзад буд ва бо дарёфти беш аз 4 миллион раъй пас аз раисиҷумҳури мунтахаб Ҳасани Рӯҳонӣ ва Муҳаммад Бағери Қолибоф дар ҷои сеюм қарор гирифт. Ҷалилӣ дар интихоботи соли 2021 низ муддаии курсии президентӣ буд, вале ба фоидаи Иброҳими Раисӣ номзадишаро бозпас гирифт.

### Масъуди Пизишкиён - номзади ислоҳталаб

Пизишкиёни 70-сола дар Озарбойҷони Ғарбӣ таваллуд шудааст. Падараш озарӣ ва модараш курд будаанд. Бинобар ин, забони туркӣ ва курдиро низ балад аст. Узви Ҷамъияти дӯстии Эрону Туркия мебошад.

Пизишкиён ҷарроҳи қалб аст. Охири солҳои 90-ум ба майдони сиёсӣ ворид шуд. Дар ҳукумати Муҳаммади Хотамӣ вазири тандурустӣ буд. Феълан аз ҳавзаҳои Табрез ва Озаршаҳр дар Маҷлиси Эрон намоянда аст. Муддате муовини аввали раиси Маҷлис ҳам буд.

Пизишкиён дар интихоботи президентии соли 2013 сабти ном шуд, вале номзадии худро бозпас гирифт. Дар интихоботи соли 2021 кӯшиши ширкат кард, вале номзадии ӯ рад шуд.

Ҳамсари Пизишкиён, ки духтури амрози занона буд, соли 1993 дар як садамаи нақлиётӣ бо як фарзандаш вафот карданд. Пизишкиён дигар оиладор нашуд ва ду писару ду духтарашро танҳо ба воя расонид.



Аъзам Аҳруллоев:

# АЗ ОҒОЗИ ТИҶОРАТ НАБОЯД ТАРСИД

**АЗАМ АҲРУЛЛОЕВ ЯКЕ АЗ ҶАВОНОНИ МУВВАФАҚИ ТОҶИКИСТОН АСТ, КИ ҲАМАГӢ ДАР СИННИ 25-СОЛАГӢ СОҲИБИ КОРГОҲИ ПОЙАФЗОЛБАРОРӢ ГАРДИД. Ӯ МУАССИСИ НАХУСТИН БРЕНДИ ПОЙАФЗОЛ ВА МАҲСУЛОТИ ЧАРМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БО НОМИ “AZAM” АСТ. БО АЗАМ АҲРУЛЛОЕВ ОИД БА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТУ МУВАФФАҚИЯТАШ ВА ҲАМЧУНИН МУШКИЛОТИ СОҲАИ ПОЙАФЗОЛБАРОРӢ СУҲБАТ НАМУДЕМ.**

**- Аъзам, тавре огоҳ ҳастем, дар ибтидо фаъолияти журналистӣ доштед. Тарки якбораи ин соҳа ва рӯ ба тиҷорат овардани шумо аз куҷо пайдо шуд?**

- Пеш аз оғози фаъолияти соҳибкорӣ, аввал як видео-роликеро дидам. Дар он чӣ гуна дӯхтани пойафзол нишон дода шуда буд. Баробари ин, медонистам, ки дар вилояти Суғд коргоҳҳои хурде мавҷуданд, ки ҳар гуна пойафзол истеҳсол мекунанд. Сифати хуб ҳам доранд. Баъд аз тамошои ролик аз мутахассисони коргоҳҳои Суғд маслиҳат мепурсидам. Ҳамон модели пойафзолхое, ки бароям зарур буданд, дар коргоҳҳои Суғд фармоиш медодаму дар шаҳри Душанбе мефурӯхтам. Ин намуди фаъолият наздики як сол давом кард. Баъдан, дарк намудам, ки бояд коргоҳи худро кушоям.

**- Оғози ҳар коре бе душворӣ намешавад. Мушкили шумо чӣ буд ва чӣ гуна ҳал кардед?**

- Аслан, фаъолияти соҳибкорӣ ҳалли ягон мушкил аст ва аз маҳсули кор фоида ба даст меоред.

**Якум,** дар аввали фаъолият мушкили асосии мо набудани мутахассисон буд.

**Дуюм,** набудани маҳсулоти зарурӣ барои истифодаву дӯхтани пойафзол дар дохили кишвар.

Қариб 2 сол барои ҳалли ин масъалаҳо кор кардем. Шахсонеро пайдо намудем, ки замони шӯравӣ дар соҳаи истеҳсоли пайафзол фаъолият мекарданд ва онҳоро ба коргоҳи худ ҷалб намудем. Зимнан, дар назди онҳо шогирд гузоштем, то коргоҳи худро бо мутахассисон таъмин намоем.

**- Аз нигоҳи шумо, барои оғози тиҷорат чӣ муҳимтар аст?**

- Пеш аз ҳама, завқу хоҳиш. Бояд хоҳиши сахт дошта бошед, ки мақсадҳои гузоштаро амалӣ созед. Дар баробари ин, аз рӯйи таҷриба фаҳмидам, ки кадом соҳае, ки барои худ интихоб мекунед, бояд қоидаву қонунҳои марбут ба фаъолияти худро омӯзед. Яъне, дар соҳае, ки фаъолият мекунед, бояд нағз огоҳ бошед. Аз ҷумла, соҳибкорӣ, ки ҳамеша ба омӯзиш ниёз дорад. Ҳамчунин, ҳангоми ба соҳибкорӣ оғоз бахшидан, одам бояд донад, ки вай дар кадом зина қарор дорад. Ҳаст зинае, ки фақат идея дорад, тамом. На маҳсулот дорад, на таҷриба ва на қонунгузориро медонад. Аввал бояд инҳоро омӯзад.

Баъдан, ҳозир дар Тоҷикистон чандин бонкҳову ташкилотҳои байналмилалӣ, фонду барномаҳои давлатӣ ҳастанд, ки соҳибкоронро дастгирӣ мекунанд. Соҳибкороне ҳастанд, ки аз ин имкониятҳо фаровон истифода менамоянд. Аммо гап сари дар кадом зина қарор доштани нафаре меравад, ки қадамро ба зинаи соҳибкорӣ гузошта истодааст. Сохтани бизнес-план ва ё нақша низ муҳим аст, ки дар ҳар ширкат он индивидуалӣ мебошад. Агар бизнес-план низ хуб бошад, соҳибкор муваффақ мешавад.

**- Аз таҷрибаи худ бигӯед, ки ҳамин шеваи корро чӣ гуна ба роҳ мондед?**

- Дар зинаи аввал фурӯхтани маҳсулотро омӯхтем. Баъдан, истеҳсоли маҳсулотро сар кардем. Ин ду самтро баробар омӯхтаву амалӣ намудем. Бисёриҳо аввал истеҳсолро сар мекунанд, ба фурӯш нағз аҳамият намедиҳанд ва коргоҳашон муваффақ намешавад. Дар тиҷорат чунин аст, ки чанд рӯз бефурӯш монед, нишонаи оғози муфлисшавӣ аст.

**- Барои шинохти як бренд чӣ муҳим аст?**

- Якум, сифати маҳсулот ба тарғибе, ки мекунед, ҷавобгӯ бошад. Алакай маҳсулот худ дар бозор ҷой меёбад.

Дуюм, сифати маҳсулот ва талаботи аҳолӣ аст.

> **АСОСИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ ПОЙАФЗОЛБАРОРӢ - ИН ЧАРМ АСТ. ҲОЛО ДАР ТОҶИКИСТОН ЧАНД КОРХОНАЕ МАВҶУД АСТ, КИ ЧАРМРО НИМКОРКАРД КАРДА, БА ЧИНУ ТУРКИЯ МЕФИРИСТАНД. ДАР ИН КИШВАРҲО ЧАРМИ ПУРРА МЕШАВАДУ БОЗ ДУБОРА БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД.**

Мо қариб 1 соли фаъолият тамоман тарғиб надоштем. Барои тарғиб махсус пул ҷудо ҳам намекардем. Фақат дар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзан ройгон интишор мекардем. Айни замон ба тарви касбӣ маҳсулоти худро тарғиб мекунем.

**- Баъзеҳо аз таъсиси корхона ва ё оғози тиҷорат меҳаросанд. Чӣ шуморо дилгарм кардааст, ки ба ин соҳа рӯ оред?**

- Ҳеҷ гоҳ набояд тарсед. Ҳар як идея аз се марҳила мегузарад. Марҳилаи аввал ин аст, ки онҳо ба ҳоли ту механданд, масхара мекунанд ва мегӯянд, ки ҳеҷ кор намешавад. Марҳилаи дуюм ин аст, ки вакте шуморо танқид мекунанд. Агар танқид кунанд, ин маънои онро дорад, ки алакай рӯй додааст. Марҳилаи сеюм, одамон шуморо эҳтиром мекунанд. Барои марҳилаи сеюм бояд ҳамеша кор кунед, мубориза баред ва ба худ бовар дошта бошед.

**- Талабот ба пойафзолҳои истеҳсолнамудаи шумо чӣ гуна аст? Содирот ҳам мекунед?**

- Содирот дорем, аммо кам аст. Якчанд шариконе пайдо намудем, ки фурӯши маҳсулоти моро дар шаҳрҳои Русия ва дар онлайн-сомонаҳо ба роҳ монда истодаанд. Вале, бештар харидорони мо дар шаҳри Душанбе мебошанд ва мутобиқ ба завқу хоҳиши онҳо пойафзол мебарорем.

**- Аммо мушоҳида мекунем, ки асосан пойафзол ба Тоҷикистон воридотӣ аст. Миллионҳои мо ба хориҷа меравад. То куҷо пойафзоле, ки истеҳсол мекунед, талаботи бозори моро қонеъ мекунад?**

- Қариб 60-80 фоизи харидорони мо муштариёни доимӣ ҳастанд. Бо мо ҳамеша дар иртиботанд, фармоиш медиҳанд. Пойафзолро барои худ, падар ё ягон пайвандон гирифтаанд. Ҳатто, бо рафиқонашон барои хариду фармоиши пойафзол меоянд. Ин бозгӯи он аст, ки маҳсулоти мо дар бозор мавқеъ пайдо кардааст. Сифаташ ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

**- Чанд намуди пойафзол истеҳсол мекунед?**

- Айни замон мо 100 намуди пойафзолро истеҳсол мекунем. Ҳамчунин, зиёда аз сад намуди ҳамёну даҳҳо хел ҷузвдону миёнбанд мебарорем.

**- Соли гузашта дар шаҳри Хоруғ низ коргоҳ боз намудед. Чӣ зарурат пеш омад, ки ин тиҷоратро ба Бадахшон баред?**

- Мо коргоҳро бо мақсади бо Чин наздик будан ба роҳ мондем. Дар оянда метавонем, ки қисмҳои пойафзол, аз ҷумла ширеш, тагрезини пойафзолро аз ин кишвар дастрас намоем. Мутахассисонро омӯзондем ва ҳоло коргоҳ дар зинаи ривоҷ аст. Аммо мушкили асосӣ дар фурӯш аст, ки барои ин ҳам кор карда истодаем.

**- Маҳсулоти асосиро барои дӯхти пойафзол аз Тоҷикистон дастрас мекунед ё он ҳам воридист?**

- Мутаассифона, ворид мешавад.

**- Дар Тоҷикистон коргоҳи коркарди пӯст нест?**

- Агар чунин мебуд, кори мо 30 дарсад осон мешуд. Зеро вакти зиёдро транспортировка мегирад.

**- Туркияву Чин маҳсулоти хомро бештар аз Осиёи Марказӣ харидорӣ карда, пойафзол медӯзанд. Чунки, мегӯянд чарм аз пӯсти чорвои ин минтақа офтобхӯрдаву сахт аст. Дар асл, мо хуштолеътар аз ин кишварҳои тиҷоратӣ ҳастем, аммо аз бойигарии худ то ҳол истифода накардаем. Чаро?**

- Асоси фаъолияти корхонаҳои пойафзолбарорӣ - ин чарм аст. Ҳоло дар Тоҷикистон чанд корхонае мавҷуд аст, ки чармро нимкоркард карда, ба Чину Туркия мефиристанд. Дар ин кишварҳо чарми пурра мешаваду боз дубора ба Тоҷикистон меояд.

Як мисол меорам. Соли гузашта бо роҳбари як ширкате вохӯрдам. Коргоҳаш аз калонтарин коргоҳҳои Туркия аст. Ӯ изҳор дошта буд, ки 33-35 фоизи маҳсулоти хомро аз Тоҷикистон мегирад.

Ба Тоҷикистон ҳамасола чандин миллион ҷуфт пойафзол ворид карда мешавад. Ҳоло мақсади асосии мо содирот нест, балки таъмини аҳолии худамон аст. Дар оянда нақша дорем, ки коркарди пӯстро низ худамон пурра ба роҳ монем.

**Мусоҳиб:**
**Усмон РАҲИМЗОДА**

БА МУНОСИБАТИ 70-СОЛАГИИ НАВИСАНДА

# ДОСТОНИ ШЕРИ ҒАЗЗАГӢ ВА БАҲМАНЁР

**Шери Ғаззагӣ кист ва ӯ чӣ корномае кардааст? Хонандаи азизи мо бо ин номи ифтихорангез ошно нест. Зеро исми ӯ дар ягон маъхаз ва ё китобе сабт нашудааст. Дар ин хусус пасонтар муфассал ҳарф хоҳем зад. Вале исми Баҳманёр ба кулли шефтагони каломи бадеъ ошност.**



Ин ҳамон Баҳманёри бузург аст, ки ҳама чорчӯбаву маҳдудиятҳоро бишкаста дар насри муосири тоҷик бо шоҳкорҳои худ, хоса бо романҳои “Шоҳаншоҳ” ва “Сармаддеҳ” (китоби аввал ва дувум) инқилобе кард. Инқилоби маънавие, ки хоси суханторзони даҳқикдон, мӯшикоф ва дарёдил аст. Танҳо қаламкашони дарёдил метавонанд оинадори madду ҷазри зиндагонӣ ва шебу фарози шоҳроҳи таърих бошанд.

**Зеро:**

*Ҳарфе, ки аз ӯ диле кушояд,*
*Аз ҳар қаламе бурун наояд.*

“Дар насри Баҳманёр,- нигоштааст профессор Абдунабӣ Сатторзода,- ҳама чиз - воқеа, қаҳрамон, забон ва тарзи баён, биниш, равиши тасвир, замону макон нодир, ғайриоддӣ, ғайримукаррарӣ, ғайримаъмулӣ, ғайримунтазира, фавқулода, аҷиб, ҳайратангез, нотакрор ва нав мебошанд”.

Бояд зикр кунам, ки ман дар ин нигошта мукаммал ба риштаи тасвир кашидани симои нависандагии Баҳманёрро мақсади худ қарор надодаам. Чаро ки осори мондагори Баҳманёр ба таърифу тавсифи ҳеҷ кас ниёз надорад. Гузашта аз ин, чунин як хидматро адабиётшиносони варзида ба ҷо овардаанд ва хоҳанд овард. Танҳо зикр карданиам, ки ҳамаи навиштаҳои Баҳманёр, ҳарчанд “бобои Баҳром ба риши дар осиёб сафед нокардаи худ қасам меҳӯрад, ки бофтану сохтан кори Баҳманёр аст”, ҳамаи осори мондагори ӯ масдар ё манбаъ доранд. Яъне, руъё набуда, асоси воқеӣ доранд. Танҳо қалами сеҳрноки Баҳманёр ба ин нигоштаҳо боли парвоз додааст. Ба ин гуфта метавон даҳҳо далел овард. Масалан, ҳикоя ё ба гуфти Баҳманёр сарвои “Сиз мулло”-ро бигирем. Оё ин ҳикоя асоси воқеӣ дорад? Сад дар сад!

Таваҷҷуҳ кунед ба мазмуни мухтасари ин ҳикоя:

“Дар он айём маъмул будааст, ки дар фасли тобистон молҳои майдаи кишвари ҳамсояро ба кӯҳистони пурфайзи мо меовардаанд, ки чаро кунанд ва баръакс фасли сармо рамаҳои моро, ки аз пурбарфӣ ғизо ёфтанашон сахтиҳо доштааст, ба чӯлҳои ин кишвар мебурдаанд.

Ба ин сабаб ду нафар тоҷик аз Сармаддеҳ барои хабаргириву ёрӣ ба чӯпонон озими ин кишвар мешаванд. Чун он вақтҳо ба он чӯлҳо мошине намегашт, ин ду нафар аз Дизак пиёда ба сӯи чӯл пай месипаранд. Дар роҳ онҳоро шаб дармеёбад ва андешае, ки ба коми гургхову ба чанги дуздҳо наафтанд, ба сӯи деҳи ношиносе мешитобанд.

Ба деҳ мерасанду ҳалқаи дари пешомадро мекӯбанд. Соҳибхона онҳоро дар меҳмонхона ҷой медиҳад ва ба худ пайи омода кардани ғизои шом мешавад. Ба суоли меҳмонон, ки магар зану фарзанд надорад, мармуз ба мисли Рӯдакӣ ҷавоб медиҳад: “Аёл на, зану фарзанд на, маунат на, аз ин ҳама дилам осуда буду осон буд”.

Аз ин ҷавоби мизбон дар назари ин ду меҳмон байни гуфтаҳои ӯ ва коми гургу дасти дузд фарқи казоие дида намешавад ва онҳо дириқ - дириқ ларзида менишинанд. Баъди чанде мизбон нону чой ва дар як табақи сафолӣ гӯшти туркчӯш (гӯшти нимпухтаро, ки хӯрдани он одати туркон будааст, туркчӯш гӯянд,- К. М.) меорад.

Меҳмонон, ки хеле гурусна буданд, ба ин неъмати худодод бепарво буда наметавонистанд, ҳамоно даст ба гӯшту нон бурдан меҳоҳанд.

- Тӯхтанг!,- мегӯяд мизбону меҳмонон дар ҳамон вазъе, ки доштанд, ба қавли худашон “ях мебананд”.

- Ин гӯшт,- мегӯяд мизбон,- моли дуздӣ аст. Шумо, ки ҳар ду тоҷикмуллоед, бигӯед, чӣ ривояте мебояд ёфт, ки он ҳалол бошад?

Меҳмонон худро тарҳу чамъ карданд, ба ҳамдигар нигаристанд, билохир яке ҷуръат ёфта, гуфтааст:

- Моли дуздӣ, агар онро аз кӯраи дӯзах ҳам гузаронӣ, моли дуздӣ буду хоҳад монд...

- Қоч!,- бонг задааст соҳиби хона,- ту муллои бесаводӣ, аз ин рӯ ривоятат мисли худат хунук, яъне кор ёгадӣ хаст!

Соҳибхона ба меҳмони дигар рӯ мeорад:

- Ту чӣ мегӯӣ?

Ин меҳмон масали “дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез”-ро ба хотир меораду мепурсад:

- Вақте гӯсфандро дуздида мебурдӣ, ба чапу ба рост нигоҳ мекардӣ?

Мизбон гуфт:

- Чаро не, менигаристам, албатта, аз тарс!

Меҳмон гуфт:

- Аз шири модарат ҳам ҳалол аст, чаро ки бандаи муъмин вақти намоз ба чапу рост менигараду салом мефиристад, то душман набошад.

Мизбон каф ба каф заду гуфт:

- Ана сиз мулло!

Ва ба оне, ки “қоч” гуфта буд, рӯ меорад:

- Ба хотири ин домуллои азиз аз гуноҳат гузаштам, шину бихӯр, ки шаб боз ҳам хунуктар мешавад, шикамӣ сер гармат медорад, вагарна кӯраи дӯзах ҳам ба дардат намехӯрад!...”.

Ин ҳикоятро кулли мардуми солҳои чилу панҷоҳи садаи бисти дараи Киштӯд, ки ҷамоатҳои имрӯзаи ба номи Рӯдакӣ ва Ворӯи шаҳри Панҷакентро дар бар мегирад, медонистанд. Ва ё сарвои “Раднома”-ро бигирем, ки ба хеши нигорандаи ин сутур Мулло Мансури муфтӣ (1860-1948) иртибот дорад.

Мулло Мансур амакзодаи бобои падарии нигорандаи ин сутур - Мулло Кароми Муллозиё мебошад. Ин ду хатмкардаи мадрасаи Шердори Самарқанданду камина дар қиссаи таърихии “Волии Киштӯд”, ки аз корномаи Мирзо Ниёзи Кончӣ ҳикоят мекунад, дар бораи онҳо маълумоти муфассал додаам.

Мулло Мансур бар замми муфтигӣ мирзои (котиб) волии кенти Киштӯд низ будааанд. Эшон аз аксар илмҳои замони худ бохабар буда, табъи шоирӣ низ доштаанд. Хурофоту хурофотиёнро чашми дидан надоштанд. Шоҳидон қисса мекарданд, ки рӯзе муфтӣ мебинанд, ки дар шохи гове тӯмор бастаанд. Соҳиби говро ба наздашон хонда, тӯморнависро муайян ва он нимчамуллоро сарзаниш мекунанд, ки бори дигар ба чунин корҳо даст назананд.

Вале аҷоибот дар он аст, ки рӯзе мерасад, ки худи муфтӣ ба тӯморнависӣ даст мезананд. Қисса чунин аст:

Рӯзе зане ба назди муфтӣ меояд ва хоҳиш мекунад, ки ба гови ӯ, ки аз шир мондааст, тӯморе бинависанд.

Муфтӣ хоҳиши занро рад карда, меафзоянд, ки дар шохи гов бастани тӯмор вубол аст. Вале зани якрав аз раъяш нагашта, боисрор талаб мекунад, ки ин гов ягона рӯзирасони зиндагиаш аст.

Муфтӣ лабханде мезананду ба хотири халос шудан аз ин зани якрав, ранги гову номи соҳиби онро пурсида, “тӯморе” навишта медиҳанд.

Сабоҳи дигар дар деҳа овоза мешавад, ки муфтӣ ба гови фалонча тӯмор навиштаанд. Нимчамуллоҳо дар ҳайрат уфтода, тӯморро дастрас мекунанд, ки дар он чунин навишта шуда буд:

*Гови алои Раҷабӣ,*
*Ту аҷабӣ, булаҷабӣ.*
*Шир диҳӣ, ба ман чӣ?*
*В-ар надиҳӣ, ба ман чӣ?*

Дар асоси ҳамин ривояти оддӣ Баҳманёр бо номи “Раднома” ҳикояи ҷолибе эҷод кардааст, ки хонандаро ба ваҷд меорад. Инак он ҳикоя:

“Гови Оростаи Сиёҳ айёми ширдӯшӣ лагадзан шуд. Баъд пок аз шир монд. Ин гов сармояи Ороста буд. Шир медӯшид, ҷурғот мехобонд, чакка мегирифт, хомак меғундошт... гӯсолаашро яксола мекарду мефурӯхт. Аз ин рӯ ҳар гоҳе Холдори Чилдурӯғ Оростаро медид, “говат чӣ тур?” намегуфт, бал “бонки той-тоят чӣ тур?” гӯён, суол медод.

Ороста як порча замин ҳам дошт, ки сабзаҷот мекишту барои хорбори худ дар лалми доманкӯҳи бағали хаёташ гандуму наҳӯду наск. Барои худу барои гов ба коҳдони зимистон аз кӯҳу пушта ҳезуму алаф меовард.

Аммо гов, ба қавли Холдор ин “бонки той-той”, қуввати миёнаш буд. Акнун барои гӯсола аз кӣ шир металабӣ? Бе маскаву чакка зимистонро чӣ тур пушти сар мекунӣ? Аз дарду ғам Ороста омода буд, ки чун гӯсолаи гурусна “баъ-баъ” занад.

Боз сол - соли хушк, лалми ӯ билкул вағида буд.

Пиразани ҳамсоя маслиҳат дод, ки говро ё чашмзахм расида, ё ночинсе ҳамроҳ шуда, ширашро ноаён мемакад, аз ин рӯ ӯ бояд аз Мулло Бухоризода радномa бигирад, ба шохи гов бибандад, чашмзахмро мебардораду ночинсро мефурорад.

Аммо мулло Бухоризода дар ҷавонӣ камтар хурофотӣ буда бошанд ҳам, гарму хунук мекарданд, раднома менавиштанд, ҳатто бо илми Кашмир ҷодуҳо месохтанд, акнун ба қавли худашон “хомӣ дигар намекунанд, аз тоату ибодат по кач намениҳанд”. Кампири Осуда дар ин гуна мушкилакушоӣ мумтоз буд, аммо Ороста ба вай ногап.

- Агар масъала ин аст,- гуфт пирзани ҳамсоя,- аз нафари босаводе, ки пояш аз масҷид канда нест ва рӯзе панҷ навбат намоз мегузорад, раднома бигир.

Тафаҳҳус карданду ба ҳайрат афтоданд, чунин одам дар деҳ фақат ду нафар будаанд, яке бобои Сангину дигаре Шераки Хол!

Номзади бобои Сангинро ҳамоно канор заданд, чаро ки савод надошт, ба ин сабаб Ороста ночор буд, роҳи хонаи Шераки Холро пеш гирад.

Шераки Хол бо диққат Оростаро гӯш кард, хушҳол шуд - мо ҳам сахл одам нестем! - ба ҷустуҷӯи қалам афтод. Билохира, нӯкчақаламе ёфта омаду боз норизо аз худ сар чунбонд ва ба пайи пайдо кардани чизе шуд. Ниҳоят коғазпорае ёфта омад, рӯи сандалӣ гузошту бо хатҳои качу килеб ба навиштани радномa машғул шуд. Дар кӯдакӣ бо исрори падар муддате дар назди Бухоризодаи Аввал дарси хат гирифта буд.

Шераки Хол коғази навиштаашро ба шакли секунҷа тарҳу ҷамъ кард ва ба Ороста доду гуфт:

- Инро бубару пӯша зану ба шохи говат овез, Худо агар хоҳад, баъд аз се рӯз ба шир додан сар мекунад.

Ҳароина баъд аз се рӯз гови Ороста ба шир додан оғозид ва ҳам лагад заданро ба хари Шераки Хол супорид.

Ин “муъҷиза” зуд вирди забонҳо шуд. Ба ёд оварданд, ки падари Шераки Хол паҳлавони беназир буду ҷаддаш китобхони ҳамадон.

Мулло Бухоризода аз ин воҳима хеле тааҷҷуб намуданд ва хоҳиши он радномаро хонданро карданд. Чун радномаро оварданд, он кас кӯки пӯшаро боз карда, навиштаи “таъвизро” хонданд, хеле бо завқ хандиданд. Оростаи Сиёҳ аз гузари ба номи Ҷевачӣ буд. Мегӯянд, замоне дар он ҷо гевагаре мезиста, аз ин рӯ бо ҳамин ном маъруф шуда.

Шераки Хол дар “раднома” бо хати качу килеби худ навишта буд:

*“Гови зарди рихи Ҷевачӣ,*
*Шир метӣ-наметӣ, ба мо чӣ?”.*

Дар идомаи ҳикояи мазкур метавон боз даҳҳо достонҳои дигари Баҳманёрро мисол овард, ки воқеианд, вале тавассути килки сеҳрофарини нависанда асотир шудаанд.

**(Давом дорад)**

**Карим МӮСО,**
**нависанда**

# ТАВОНОТАРИН ШАХСИ САЙЁРА

**Роҳбари Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпинро соли 2018 маҷаллаи Forbes тавонотарин шахси сайёра эътироф кард. Воқеан, дар замони роҳбарии ӯ кишвараш ба марҳилаи нави рушд қадам гузошт, ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози сиёсӣ мавқеашро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам кард. Феълан сиёсати Си Ҷинпин ба он равона гардидааст, ки нуфузи Чинро дар Осиёи Марказӣ густариш диҳад.**



*Си Ҷинпин кист? Ӯ бо кадом пайроҳа ба шоҳроҳи бузург баромад? Манбаи иқтидори ӯ аз куҷост? Дар ин нигошта ба ин суолҳо посух хоҳем ҷуст.*

## Кӯдакии пуразоб

Си Ҷинпин 15-уми июни соли 1953 дар Пекин дар хонаводаи яке аз тарафдорони Мао Сзедун Си Чжунгсун таваллуд шудааст. Падари ӯ шахси ҳизбӣ буд ва дар вазифаҳои гуногун фаъолият дошт. Солҳои 1959-1962 муовини раиси Шӯрои давлатӣ буд. Аммо дар соли 1962 ӯро барои мушорикат дар фаъолияти зиддиҳизбӣ айбдор карда, ба ҳабс гирифтанд. Чун қоида, фарзандони чунин нафаронро барои "тарбияи дуруст додан" ба муассисаҳои махсус равон мекарданд. Си Ҷинпинро ҳам барои тарбия ба музофоти Шэнси фиристоданд. Ӯ дар он ҷо зиндагии пурмашаққатро пушти сар кард, корҳои вазнини ҷисмониро анҷом медод, аксар вақт дар заминканҳо мехобид ва зиндагии қашшоқона дошт.

Дар ибтидои солҳои 70-ум ба фарзандони онҳое, ки дар давраи "инқилоби маданӣ" номашон сиёҳ шуда буд, иҷозат дода шуд, ки ба донишкадаву донишгоҳҳо дохил шаванд. Си Ҷинпин аз ин имконият истифода кард ва донишҷӯи факултаи муҳандиси кимиёи яке аз донишгоҳҳои Пекин гардид ва дере нагузашта ба сафи Ҳизби коммунист пазируфта шуд.

## Роҳ ба арсаи сиёсат

Дар замони таҳсилаш падараш низ озод гардид. Пас аз ин Си имкон пайдо кард, ки дар сафи Ҳизби коммунист фаъолияти хешро идома диҳад. Ҳамин тавр, ӯ солҳо дар музофоти Ҳбей ва Фуҷзян дар вазифаҳои гуногун фаъолият кард. Соли 2000-ум бошад, губернатори музофоти Фуҷзян таъйин шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра аспирантураро бо ихтисоси назарияи марксистӣ ва тарбияи сиёсӣ хатм кард. Си Ҷинпин доктори илми ҳуқуқ аст.

Си Ҷинпин пас аз солҳои 2000-ум зина ба зина дар арсаи сиёсат пеш мерафт. Пас аз Фуҷзян губернатори музофоти Чжэҷзян, баъд раиси кумитаи шаҳрии Ҳизби коммунисти Шанхай - сарватмандтарин шаҳри Чин таъйин шуд.

Коршиносон муваффақияти Си Ҷинпинро дар интихоби тими боқувват медонанд. "Си Ҷинпин дар музофот таҷрибаи хуби роҳбариро касб кард. Тими боқуввате ҷамъ кард, ки дар арсаи сиёсӣ ӯро то имрӯз ҳамроҳӣ мекунанд",- навиштааст яке аз рӯзномаҳои ғарбӣ дар такя ба коршиносони чинӣ.

Си Ҷинпин на танҳо роҳбари муваффақ буд, балки дар давоми фаъолияташ худро ҳамчун яке аз муборизони муваффақи зидди фасод муаррифӣ кард. Ҳамин аст, ки соли 2008 муовини раиси Ҷумҳурии мардумии Чин таъйин шуд.

## Роҳбари давлат

Соли 2012 Си Ҷинпин ба мақоми Котиби генералии Ҳизби коммунист ва соли 2013 раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин интихоб шуд.

Қаблан дар Чин як нафар имкон дошт, ки фақат ду давра роҳбари кишвар шавад, вале соли 2018 дар Конститутсияи мамлакат тағйирот ворид шуд ва ин маҳдудият аз байн бардошта шуд. Ин ба Си Ҷинпин имкон дод, ки маротибаи дуюму сеюм низ роҳбари кишвар бошад ва эҳтимол давраҳои баъдӣ низ фаъолияти хешро дар ин симмат идома диҳад.

Мунаққидони Си Ҷинпин эътироф мекунанд, ки дар тӯли даҳ сол ӯ тавонист элитаи ҳизбро дар атрофи худ ҷамъ кунад. Феълан ӯ на дар Ҳизби коммунист мухолифи ҷиддӣ дорад ва на вориси эҳтимолӣ. Гузашта аз ин, доктринаи "Тафаккури Си Ҷинпин дар бораи сотсиализм бо хусусиятҳои чинӣ барои давраи нав" соли 2018 ба оинномаи Ҳизби коммунист ворид шуда, нақшаи рушди кишвар то соли 2049 (100-солагии Ҷумҳурии Мардумии Чин) махсуб мешавад.

## Қудрати иқтисодӣ

Дар замони Си Ҷинпин Чин нақши худро ҳамчун яке аз нерӯҳои бузурги иқтисоди ҷаҳон мустаҳкам кард. Дар баробари ин, кишвар, ба гуфтаи Хазинаи байналмилалии асъор, аз рӯи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, аз рӯи нишондоди қобилияти харидорӣ ба доллар аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пеш гузашт. Вале бо вуҷуди ин, Чин аз рӯи ҳаҷми ММД ба сари аҳолӣ на танҳо аз Иёлоти Муттаҳида ё кишварҳои пешрафтаи Аврупои Ғарбӣ қафо мемонад, балки дар охири соли 2021 дар зинаи 80-ум қарор дошт.

## Муносибати сард бо ИМА

Дар замони роҳбарии Си Ҷинпин робитаҳои Чин бо ИМА тираранг шуд. Соли 2020 президенти вақти ИМА Доналд Трамп ноороміҳои Ҳонконгро баҳона карда, алайҳи Чин таҳримот ҷорӣ кард. Пекин низ ба Вашингтон ҷавоб дод. Пас аз сар задани пандемияи COVID-19, Трамп дар пайдоиш ва паҳншавии ин беморӣ Чинро айбдор кард, ки ин ҳам муносибати ду кашварро ба ҷолиш бурд.

Пас аз ба сари қудрат омадани Ҷо Байден муносибати ду кишвар муътадил шуд. Байден тасмим гирифт, ки сардии муносибатро бо Чин шиддат надиҳад. Аммо дар равобити ду кишвар беҳбудӣ ба назар намерасад. Соли 2022 сафари намояндагони Ҳизби демократи ИМА ва раиси палатаи поёнии Конгресс Нэнси Пелоси ба Тайван, ки Чин онро ҷузъи ҷудонашаванди хеш медонад, ин муносибатро печидатар кард.

## Нуфуз дар сиёсати ҷаҳонӣ

Дар давраи роҳбарии Си Ҷинпин Чин нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ тақвият дод. Аз ҷумла, Пекин дар хатми низоъи даҳсолаи Яман ва беҳбуди равобити Эрон ва Арабистони Саудӣ саҳм гузошт.

Чин муносибати иқтисодиву сиёсиашро бо Русия густариш дод. Пас аз оғози амалиёти низомӣ дар қаламрави Украина Чин аз пайвастан ба таҳримҳои зидди Русия худдорӣ кард. Феълан Си Ҷинпин мехоҳад дар ҳалли қазияи Русияву Украина нақш гузорад. Моҳи феврали соли 2023 Пекин нақшаи ҳалли низоъро пешниҳод кард, вале ИМА аз ин тарҳ интиқод карда, гуфт, ки он барои оташбас номусоид мебошад.

## Таъсир ба Осиёи Марказӣ

Феълан Чин рӯ ба ҷониби Осиёи Марказӣ кардааст. Си Ҷинпин талош дорад, ки дар минтақа нуфузи хешро тақвият бахшад. Бо ин мақсад чанд формати ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ мондааст, аз ҷумла нишасти «Чин + Осиёи Марказӣ», C+C5 (Чин бо Осиёи Марказӣ). Ҳамчунин, Созмони ҳамкории Шонгҳой, ки Чин дар он яке аз иштирокчиёни таъсиргузор аст, барои густариши равобит бо Осиёи Марказӣ фазои мусоид ба вуҷуд овардааст. Илова бар ин, барои ҳамкории бештар таҳти ибтикори «Як камарбанд - як роҳ» тавофуқномаҳое дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла обу энержӣ, кишоварзӣ ва иқтисоди сабз миёни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ баста шудааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки равобити дуҷонибаи Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дар ҳоли густариш аст. Аксари кишварҳои минтақа аз Чин қарзҳои зиёд доранд. Ин имкон медиҳад, ки нуфузи Чин дар минтақа афзоиши бештар пайдо кунад.

## Таваҷҷуҳ ба Тоҷикистон ва дӯстӣ бо Эмомалӣ Раҳмон

Дар мавриди густариши муносибатҳои Чину Тоҷикистон дар шумораи гузаштаи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" матлаби таҳлилӣ ба нашр расида буд.

Фақат зикри ин нукта муҳим аст, ки дар замони роҳбарии Си Ҷинпин равобити Чину Тоҷикистон густариши назаррас дошт. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди ба сари қудрат омадани Си Ҷинпин 7 маротиба (солҳои 2013, 2014, 2015, 2017, 2018, 2019 ва 2023) сафарҳои давлатӣ ва кориву расмӣ анҷом дод. Си Ҷинпин бошад, 3 маротиба бо сафарҳои расмӣ, давлатӣ ва корӣ (солҳои 2014, 2019 ва 2023) аз Тоҷикистон дидан кард. Соли 2023 ӯ ҳамроҳи ҳамсараш меҳмони вежаи Президенти Тоҷикистон буд.

Си Ҷинпин бо Эмомалӣ Раҳмон низ равобити дӯстона дорад. Соли 2023 дар Саммити якуми сарони кишварҳои "Чин - Осиёи Марказӣ" аз байни сиёсатмадорони дар ин ҳамоиш ҳузурдошта ба таҷрибаву малакаи сиёсии Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дод. Аз ҷумла, гуфт: "Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед. Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошад".

## Издивоҷ бо ситораи эстрада

Си Ҷинпин ду маротиба издивоҷ кардааст. Ҳамсари аввалаш Кэ Линлин духтари дипломати баландпояи сафири Чин дар Британияи Кабир буд. Кэ намехост, ки дар Чин зиндагӣ кунад, исрор мекард, ки якҷоя ба Лондон кӯчанд, аммо Си рад кард. Бо ҳамин сабаб онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Бори дуюм, соли 1987 Си Ҷинпин бо ситораи эстрадаи чинӣ, солисти ансамбли тарона ва рақси Артиши озодиҳоҳи халқи Чин Пэн Лиюан издивоҷ кард. Онҳо як духтар доранд, ки номаш Си Минзе мебошад. Ҳамсари Си Ҷинпин ба корҳои сиёсии давлат дахолат намекунад. Ӯ ба фаъолияти эҷодиаш идома дода, солҳои охир профессори Академияи ҳунарҳои назди Артиш мебошад. Гоҳо шавҳарашро дар сафарҳо ҳамроҳӣ мекунад.

**О.СОҲИБЗОДА**



# ТАШАББУСҲОИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ ДУШАНБЕ

**ГУЗОРИШ ДАР АРАФАИ ИФТИТОҲИ ДУ ИНШООТИ БУЗУРГ - ПАРЛУМОН ВА ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ БО ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ЧИН СУРАТ МЕГИРАД, ОМОДА ШУДААСТ.**

Шаҳри Душанбе - пойтахти Тоҷикистон намунаи равшан ва намоёни ободонӣ ва тараққиёт дар минтақаи Осиёи Марказист. Он бо бунёди биноҳои муҳташами меъморӣ ва фарҳангӣ, ки шаҳрвандон ва меҳмононро ба ҳайрат меоранд, шуҳрат дорад.

## Душанбе - шаҳри ҷавонон

Душанбе шаҳри ҷавонон аст, ки шумораи зиёди ҷавонон дар он зиндагӣ мекунанд ва шароити мусоиду инфраструктураи пешрафта барои онҳо фароҳам оварда шудааст. Ин шаҳр, ки ҳамчун маркази асосии таълимӣ ва илмии кишвар фаъолият мекунад, дорои 24 муассисаи таълимии олӣ ва зиёда аз 201 муассисаи таълимии миёнаи умумӣ мебошад. Душанбе инчунин мизбони чандин марказҳои тадқиқотӣ ва илмӣ аст, ки дар онҳо мавзуҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар самти таълим, шаҳр барномаҳои гуногуни таълимии муосирро пешниҳод мекунад, ки ба омода намудани мутахассисон дар соҳаҳои муосир ва талаботи бозори корӣ равона карда шудаанд. Ин барномаҳо дар муассисаҳои олии шаҳр, аз қабили донишгоҳҳо ва донишкадаҳо, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар соҳаҳои технологияи иттилоотӣ, муҳандисӣ ва менеҷмент таҳсил кунанд.

Дар заминаи фароғат ва варзиш, Душанбе бо майдончаҳои варзишӣ ва боғҳои фароғатӣ муҷаҳҳаз аст, ки дар онҳо ҷавонон метавонанд вақти худро ба таври фаъол ва солим сипарӣ кунанд. Ин фазоҳои фароғатӣ ҳамчунин барои баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки ба таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ миёни ҷавонон кумак мерасонанд.

Барномаҳои дастгирии ҷавонон дар Душанбе ба рушди касбӣ ва малакаҳои ҷавонон таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Шаҳрдорӣ тренингҳои касбӣ, машваратҳои соҳибкорӣ ва мусобиқаҳои инноватсиониро пешниҳод мекунад, ки ба ҷавонон кумак мекунанд, то дар бозори меҳнат мавқеи мустаҳкам пайдо кунанд ва дар соҳаҳои гуногун пешрафт намоянд.

## Душанбе - Шаҳри Сабз

Душанбе - пойтахти Тоҷикистон дар самти рушди устувор ва экологӣ кӯшишҳои зиёде дорад. Дар ин раванд, шаҳр муҳити солим ва зеборо барои шаҳрвандон созмон додааст. Бунёди боғҳо, гулгаштҳо ва хиёбонҳои сарсабз оҳанрабоянд, ки ба ин шаҳри домани кӯҳҳои осмонбӯс диққати сокинон ва меҳмононро ҷалб мекунанд.

Шаҳрдор бо талошҳое, ки хоси ҷавонон аст, ба ин ин самти ободонии шаҳр таваҷҷуҳи хоса медиҳад. Ин боғҳо на танҳо макони фароғат ва истироҳатанд, балки ҳавои шаҳрро мусаффо ва аз олудагиҳо пок месозанд. Ташкили боғҳои нав ва гулгаштҳо дар доираи барномаи "Душанбе - Шаҳри Сабз" ба кам кардани таъсири тағйироти иқлимӣ ва пок нигаҳ доштани муҳити зист кумак мерасонад.

Дар самти тағйир додани системаи нақлиётӣ ба самти экологӣ ва устувор, Душанбе ба истифодаи нақлиёти барқӣ равона шудааст, ки аз ҷумла автобусҳои барқии номдор "Акиа НЕРУ" маъруфанд. Ин иқдом ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва таъмини сафари устувор ва бехатар кумак мерасонад. Истифодаи нақлиёти барқӣ ҳамчунин ба коҳиш додани вобастагии шаҳр аз сӯзишвориҳои фосилӣ ва кам кардани ҳаҷми партовҳо мусоидат мекунад. Дар як муддати кӯтоҳ шаҳрдорӣ 17 боғи нави фарҳангию фароғатии замонавӣ ва 57 гулгашт бунёд намуд, ки ин дар таърихи Душанбе беҳамтост.

Душанбе дар истифодаи энергияҳои таҷдидшаванда ва технологияҳои сабз низ пешқадам аст. Шаҳр дар талош аст, ки самаранокии энергетикиро баланд бардорад ва истифодаи энергияро ба мақсад мувофиқ созад. Он бо насби панелҳои офтобӣ дар биноҳои давлатӣ ва хусусӣ ва таҷдиди шабакаҳои электрикӣ ба Душанбе дар пешрафти энергияи пок ва устувор саҳм мегузорад.

Дар маҷмуъ, Душанбе бо иқдомот ва стратегияҳои муассири экологӣ ва рушди устувор на танҳо ба беҳтар кардани сифати ҳаёти шаҳрвандон мусоидат мекунад, балки ҳамчун намунаи барҷастаи шаҳри сабз ва пешрафта дар минтақа мавқеи худро мустаҳкам мекунад. Ташаббусҳои сабз ва рушди нақлиёти барқӣ дар ин шаҳр намунаи муваффақи интегратсияи технология ва экологияро дар фарҳанги шаҳрдорӣ нишон медиҳанд.

Дар доираи талошҳо барои табдили Душанбе ба шаҳри устувор ва экологӣ, истифодаи таксиҳои барқӣ як қадами муҳим дар кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва беҳтар кардани сифати ҳавои шаҳр мебошад. Ин иқдом боиси афзоиши масофаи сафарҳои экологии пок ва самаранок мегардад, ки дар навбати худ ба саломатии шаҳрвандон ва муҳити атроф

таъсироти мусбат мерасонад.

Таксиҳои баркӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва самараноканд, дар чанд соли охир дар Душанбе рӯ ба афзоиш овардаанд. Ин воситаҳои нақлиётӣ, ки бо батареяҳо кор мекунанд ва ҳеҷ гуна газҳои зараровар ба атмосфера намефиристанд, ба кӯшишҳои шаҳр барои расидан ба ҳадафҳои устуворӣ мусоидат мекунанд.

Душанбе метавонад дар оянда ҳамчун намунаи муваффақи шаҳри сабз ва дӯстдори муҳит шинохта шавад.

## Душанбе - шаҳри бехатар

Душанбе - пойтахти Тоҷикистон ҳамчун яке аз шаҳрҳои бехатартарин дар минтақа шинохта шудааст, ки ин ба тадбирҳои муассири амниятие вобаста аст, ки зери роҳбарии Рустами Эмомалӣ амалӣ карда мешаванд. Ин тадбирҳо, ки мақсадашон таъмини амнияти шаҳрвандону меҳмонон ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ ва сайёҳӣ мебошад, ба эътидол ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Душанбе бо муаррифии системаҳои нави назоратӣ ва пешрафтаи амниятӣ, аз ҷумла камераҳои мушоҳидавии "Шаҳри Бехатар" таҳкими амнияти умумиро таъмин мекунад. Ин системаҳо ба мониторинги доимии шаҳр кумак мерасонанд ва имкон фароҳам меоранд, ки вокунишҳои фаврӣ ва самаранок вобаста ба ҳолатҳои нохуш сурат гиранд. Ҳамзамон, шаҳр ба баланд бардоштани таҷриба ва маҳорати ниҳодҳои қонунӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

Душанбе дар ҷорӣ кардани технологияҳои муосир пешқадам аст. Ин ба шаҳр имкон медиҳад, ки воситаҳои нақлиёт аз хатар эмин бошанд ва трафик зина ба зина аз байн равад. Масалан, таъмини автобусҳои муосир бо системаи Wi-Fi ва корти пластикӣ, ки дар сатҳи баланди хизматрасонии шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд, ба таъмини сафари бехатар ва қулай мусоидат мекунад.

Бехтарсозии фазои шаҳрӣ, бо ороиши бадеии кӯчаҳо ва хиёбонҳо, низ як ҷузъи муҳими таъмини амният мебошад. Ин амалҳо на танҳо ба зебоии шаҳр мусоидат мекунанд, балки ба баланд бардоштани ҳисси амният ва роҳатии сокинон ва меҳмонон низ кумак мерасонанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ, Душанбе барои таъмини амнияти шаҳрвандон ва меҳмонон ҳамчун шаҳри бехатар эътирофгашта аст. Масалан, тибқи назарсанҷиҳои байналмилалӣ, Душанбе дар рӯйхати "Даҳгонаи шаҳрҳои амнтарини кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил" ва дар феҳристи "Беҳтарин шаҳрҳои саёҳат ва сафари шабона" қарор дорад.

Ин тадбирҳои амниятӣ ва стратегияҳои пешрафтаи амниятӣ ба Душанбе кумак мекунанд, то ки ҳамчун шаҳри бехатар ва муносиб барои зиндагӣ, кор ва сайёҳӣ мавқеи худро мустаҳкам кунад. Ин кӯшишҳо на танҳо ба афзоиши иқтисоди шаҳр кумак мерасонанд, балки ба субот ва эътидоли ҷомеа низ мусоидат мекунанд.










## Роҳҳо чун кафи даст: Пешрафти инфрасохторӣ

Дар Душанбе лоиҳаҳои калони навсозии инфрасохтори нақлиётӣ ба маблағи умумии беш аз 500 миллион сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки мақсади асосии онҳо беҳтар кардани шароити нақлиёт ва афзоиши бехатарии роҳҳо мебошад. Ин иқдомот ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунанд. Дар ду соли охир, дар заминаи навсозии роҳҳои мавҷуда ва сохтмони роҳҳои нав лоиҳаҳои гуногун ба анҷом расидаанд, ки аз ҷумла сохтмони беш аз 20 километр роҳҳои нав ва васеъ кардани 15 километр роҳҳои асосӣ ба он шомиланд.

Таъмири роҳҳо лоиҳаҳои гуногунеро дар бар мегиранд, ки барои беҳтар кардани шароити нақлиёт ва пиёдагардон тарҳрезӣ шудаанд. Таъмир ва навсозии 30 километр роҳ дар маркази шаҳр, ки барои роҳат ва бехатарии сокинон пешбинӣ шудааст, аз ин тадбирҳо мебошад.

Сохтмони пулҳои нав ва таъмири пулҳои мавҷуда низ ҷузъи муҳими барномаи навсозии инфрасохторӣ мебошад. Дар ин раванд, пулҳои нав бунёд ва пулҳои мавҷуда таъмир шудаанд.

## Рушди саноат дар даврони роҳбарии Рустами Эмомалӣ

Душанбе зери роҳбарии Рустами Эмомалӣ на танҳо дар соҳаҳои инфрасохтор ва фарҳанг, балки дар рушди саноат низ пешрафтҳои назаррасе ба даст овардааст. Саноат яке аз устувортарин самтҳои тараққиёти иқтисодии шаҳр мебошад, ки ба тавсеаи иқтисодӣ ва афзоиши истеҳсолот дар кишвар кумак мерасонад.

Дар Душанбе сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав бо таъсиси **"Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ"** дар соли 2019 як қадами муҳим барои пешгирии рушди саноатӣ мебошад. Фонд дар ду соли аввали фаъолияташ ба 21 соҳибкор зиёда аз 60 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо кардааст, ки ба рушди корхонаҳои хурду миёна ва баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсолот кумак мерасонад.

Дар пайи ин сармоягузориҳои фонд, 13 коргоҳи нави истеҳсолӣ таъсис ёфтанд, ки дар соҳаҳои гуногун, аз қабили истеҳсоли фаршҳои замонавӣ, коркарди гӯшти мурғ ва истеҳсоли маҳсулоти нонӣ фаъолият мекунанд. Ин корхонаҳо на танҳо ба иқтисоди маҳаллӣ мусоидат мекунанд, балки ба таъмини бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти сифатӣ ва рақобатпазир ёрӣ мерасонанд.

Фонд инчунин ба соҳибкорон барои ба даст овардани таҷриба ва технологияҳои нав имкониятҳои васеъ медиҳад, ки метавонанд дар тахияи маҳсулоти нав ва хидматрасониҳои пешрафта истифода шаванд. Ин амалиёт ба корхонаҳо кумак мекунад, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат кунанд ва бозорҳои навро кашф намоянд.

Чунин сармоягузориҳо ва дастгириҳои фонд барои корхонаҳои навтаъсис имкон медиҳанд, ки бо сармояҳои нисбатан кам шурӯъ ба кор кунанд ва тавассути ин роҳ ба афзоиши иқтисодии Душанбе ва кишвар дар умум мусоидат намоянд. Ин иқдомот дар оянда метавонанд ба афзоиши рушди устувор ва дарозмуддати иқтисоди миллӣ кумак расонанд.

Дар роҳи модернизатсия ва экологизатсияи нақлиёти ҷамъиятӣ, Душанбе дар солҳои охир ташаббусҳои назаррасе анҷом додааст, ки мақсадашон истеҳсоли автобусҳо ва электробусҳо мебошад. Ин иқдомот ҳамчун бахши стратегии кӯшишҳои шаҳр барои коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва баланд бардоштани самаранокии нақлиёти ҷамъиятӣ маънидод мешаванд.

Ширкати "Акиа Авесто Автоматив Индастри", ки ширкати муштарак байни Тоҷикистон ва Туркия мебошад, соли 2018 ба фаъолият оғоз кард ва дар навбати аввал 410 автобусро ба Душанбе ворид намуд. Ин ширкат, ки мақсадаш истеҳсол ва воридоти автобусҳои муосир мебошад, ба таври ҷиддӣ дар истеҳсоли электробусҳои замонавӣ даргир аст. Бо номи "Акиа НЕРУ" электробусҳои нав дар соли 2022 ба истеҳсол расиданд, ки ин кӯшишҳо ба самти таъмини хидмати нақлиёти устувор ва покиза дар шаҳр равона шудаанд.

Истеҳсоли электробусҳо имкон медиҳад, ки Душанбе талаботҳои рӯзафзуни шаҳрвандон ба нақлиёти ҷамъиятии бехатар ва экологиро қонеъ созад. Ин автобусҳои баркӣ, ки ба шабакаи барқи шаҳр вобастаанд ва бо батареяҳои қобили речарҷ кор мекунанд, ба коҳиш додани истифодаи сӯзишвории фосилӣ ва паст кардани мизони партовҳои карбонӣ кумак мерасонанд. Ин, дар навбати худ, ба солимии экологии шаҳр ва роҳати шаҳрвандон мусоидат мекунад.

## Душанбе - шаҳри сайёҳӣ ва фарҳанг

Душанбе ҳамчун маркази асосии сайёҳии Тоҷикистон мавқеи барҷаста дорад. Шаҳр ба як макони афзалиятнок барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст, ки ба шарофати зебоии табиӣ, боғҳои фароғатӣ, бунёдҳои меъмории таърихӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ аст.

Дар солҳои охир Душанбе шоҳиди рушди назарраси инфрасохтори сайёҳӣ буд. Бунёди меҳмонхонаҳо, ресторанҳо ва боғҳои нави фароғатӣ, инчунин таъмири ёдгориҳои таърихӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ ба ҷалби сайёҳон ва таҳкими мавқеи Душанбе ҳамчун як маркази сайёҳии муҳим дар минтақа кумак кардааст. Мизбонии бисёр тадбирҳои фарҳангӣ ва фестивалҳои байналмилалӣ, ки ин барои муаррифии фарҳанги бой ва таърихи Тоҷикистон ба ҷаҳониён кумак мерасонад, ин шаҳрро ба "Пойтахти Фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - 2021" ва "Пойтахти сайёҳии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ - 2020-2021" табдил додааст.

Дар маҷмуъ, Душанбе дар давраи роҳбарии шаҳрдор Рустами Эмомалӣ ба як шаҳри сайёҳии бузург ва фароғатӣ табдил ёфтааст.

**(Давомаш дар саҳ.10)**



# ТАШАББУСҲОИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ ДУШАНБЕ

(Аввалаш дар саҳ. 8-9)

### Душанбе аз забони рақамҳо:

▪ Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ: Тибқи маълумоти охирин, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар Душанбе 133% афзоиш ёфтааст, ки нишондиҳандаи рушди қавии соҳаи саноат мебошад.

▪ Гардиши савдо: Гардиши савдо дар шаҳр 124% зиёд шудааст, ки ин нишон медиҳад, бозорҳои маҳаллӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ дар сатҳи баланд қарор доранд.

▪ Хизматрасониҳои пулӣ: Афзоиши хизматрасониҳои пулӣ ба 248% расидааст, ки соҳаи молия ва бонкдорӣ дар шаҳр бо суръати баланд рушд мекунад.

Тағйироти демографӣ ва иҷтимоӣ:

▪ Шумораи аҳолӣ: Душанбе дорои аҳолии тақрибан беш аз 1 миллион нафар мебошад, ки ин нишон медиҳад, шаҳр ҳамчун маркази иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мақоми муҳим дорад.

▪ Маориф: Дар шаҳр 24 муассисаи таҳсилоти олӣ ва 201 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъол аст, ки беш аз 400 ҳазор хонанда ва донишҷӯро дар бар мегиранд. Ин нишон медиҳад, ки Душанбе маркази муҳими таълимӣ ва илмӣ дар кишвар аст.

### Инфрасохтор ва тараққиёт:

▪ Таъмири роҳҳо: Барои таъмири роҳҳо ва сохтмони инфрасохторҳои нав 251 миллион сомонӣ сарф шудааст, ки ин ба беҳтар шудани шароити нақлиётӣ ва транспортӣ мусоидат кардааст.

▪ Таъмиру таҷдиди муассисаҳо: Дар сохтмон, таҷдид ва таъмири муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ ва фарҳангӣ дар умум 1,147 миллион сомонӣ сарф шудааст.

### Душанбе - бародаршаҳр:

**Рушди дипломатӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Душанбе ҳамчун пойтахти Тоҷикистон дар самти тақвияти равобити байналмилалӣ ва эҷоди шабакаҳои ҳамкории глобалӣ фаъол аст. Шаҳри Душанбе бо теъдоди зиёди шаҳрҳои дунё дар ҳайати бародаршаҳрӣ ҳамкориҳои муҳиме дорад, ки ин ҳамкориҳо ба рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва сайёҳии шаҳр мусоидат мекунанд.

Душанбе робитаҳои бародаршаҳрӣ бо шаҳрҳои гуногуни ҷаҳон дорад. Ин шаҳрҳо дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд ва ҳар як аз онҳо ба Душанбе имкон медиҳанд, ки таҷриба ва донишҳои худро дар соҳаҳои гуногун мубодила намоянд. Масалан, шаҳрҳои бародаршаҳри Санкт-Петербург (Россия), Лусака (Замбия), Боулдер (ИМА), Монастир (Тунис), Клагенфурт (Австрия), Мазори Шариф (Афғонистон), Урумчи ва Чиндао (Чин), Анқара (Туркия), Боку (Озарбойҷон) ва Давҳа (Қатар).

Ҳамкориҳои бародаршаҳрӣ ба Душанбе имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоранд, аз ҷумла мубодилаи беҳтарин таҷрибаҳо дар соҳаи маъмурият, технология, таълим ва муҳофизати муҳити зист. Инчунин, ин равобит имкон медиҳанд, ки шаҳр дар сатҳи байналмилалӣ дар муҳокимаҳои глобалӣ ширкат варзида, масъалаҳои муҳимро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Душанбе мизбони фестивалҳо ва чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ мебошад, ки дар онҳо шаҳрҳои бародаршаҳр иштирок мекунанд. Ин рӯйдодҳо на танҳо ба фарҳанги Душанбе ранг мебахшанд, балки ба муаррифии он ҳамчун маркази сайёҳӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ кумак мекунанд.

Хулоса, равобити бародаршаҳрӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ барои Душанбе имкониятҳои зиёдеро барои рушд ва интегратсия ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам меоранд. Тавассути ин ҳамкориҳо Душанбе на танҳо ба устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии худ мусоидат мекунад, балки ҳамчун як шаҳри муосир ва пешрафта дар минтақа ва дар сатҳи ҷаҳонӣ шинохта мешавад.

### Душанбе - шаҳри сукунат ва маъмурият

Душанбе - пойтахти Тоҷикистон дар чанд соли охир шоҳиди тағйироти калон дар сохтмон ва навсозии инфрасохтор буд. Дар рафти ин тағйирот, шаҳр ба барномаи васеи таъмири биноҳои истиқоматӣ ва маъмурӣ даст задааст, ки мақсади афзоиши роҳат ва амнияти сокинонро дорад. Душанбе, ки аз таҷрибаи шаҳрҳои монанди Дубай илҳом гирифтааст, иншооти маъмурӣ ва биноҳои истиқоматие месозад, ки нотакрор, уникалӣ ва хеле зебову барои зист мувофиқ ҳастанд.

Таъмирот дар биноҳои истиқоматӣ ва маъмурӣ шомил ба навсозии системаҳои гармидиҳӣ, обрасонӣ ва барқрасонӣ, инчунин беҳтар кардани изолятсия ва таҷдиди намои берунаи биноҳо мебошад. Ин тадбирҳо ба афзоиши сифат ва устувории биноҳо кумак мекунанд, ки ин омил дар кам кардани хароҷоти энергетикӣ ва беҳтар кардани шароити зист муҳим аст.

Сохтмони биноҳои нави истиқоматӣ ва маъмурӣ бо истифода аз технологияҳои нав ва маводи бардавом идома дорад. Ин биноҳо на танҳо бо дизайни замонавӣ ва риояи меъёрҳои баланди экологӣ сохта мешаванд, балки ба талаботи афзояндаи аҳолӣ барои фазои зисти муосир ва роҳат ҷавобгӯ мешаванд.

Таъмир ва бунёди биноҳои истиқоматӣ ва маъмурӣ дар Душанбе на танҳо муҳити зисти шаҳрвандонро беҳтар мекунад, балки ба афзоиши иқтисодӣ ва устувории шаҳрӣ низ кумак мерасонад. Бо пешрафти ин тадбирҳо, Душанбе дар масири табдил ба шаҳри замонавӣ ва экологӣ ҳаракат мекунад, ки метавонад ба намунаи шаҳри сабз ва пешрафта дар минтақа табдил ёбад.

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
**«Тоҷикистон»**



**Дар Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ фестивали яхмос, дӯғоб, шарбати мева ва обҳои ташнагишикан баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ намояндагони шаҳрдорӣ, вазорату идораҳо ва намояндагони корхонаву ширкатҳои яхмосу оббарории пойтахт иштирок намуданд. Фестивали мазкур бо мақсади баланд бардоштани иқтидори корхонаҳои саноатӣ дар пойтахт ва беҳтар намудани сифати истеҳсолоти ватанӣ гузаронида мешавад.



**Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» нахустини парвозро рӯзи панҷшанбе, 27-уми июн аз шаҳри Душанбе ба пойтахти Покистон - шаҳри Исломобод анҷом дод.**

Гуфта мешавад, ки аз ин ба баъд парвозҳо ҳар ҳафта, рӯзҳои панҷшанбе анҷом дода мешаванд. Вақти парвоз рӯзи панҷшанбе аз шаҳри Душанбе 10:30, аз Исломобод 13:30 ба вақти маҳаллӣ мебошад. Давомнокии парвоз 2 соатро ташкил дода, парвозҳои мустақим тавассути ҳавопаймоҳои Боинг 737-800 ва Боинг 737-900 анҷом дода мешаванд.



**Дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини раиси шаҳр Одилзода Дилбар ва соҳибкорзанони фаъоли пойтахт ҷаласаи нахустини Шӯрои соҳибкорзанони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор гардид.**

Шӯрои мазкур созмони ҷамъиятӣ буда, бо мақсади дастгирии занони соҳибкор, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ миёни занони пойтахт, мусоидат дар тавонмандии занони соҳибкор, мусоидат баҳри дастгирии молиявӣ ва иҷтимоии занони ниёзманду осебпазир, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии занон ташкил карда шудааст.

# БОЗДОШТИ МУРАББӢ БО ИТТИҲОМИ ТЕРРОРИЗМ



**1-уми июли соли 2024 мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Русия ба Суди ноҳияи Шербинкаи шаҳри Маскав ҷиҳати ба ҳабси пешакӣ гирифтани мураббии гӯштини тарзи озод Исматзода Алишери Камолиддин дархост додаанд.**

Бино ба иттилои нашршуда, мураббии 32-солаи зодаи шаҳри Душанбе тибқи қисми якуми моддаи 205.1 Кодекси ҷиноятии Русия ба мусоидат ба фаъолиятҳои террористӣ бо роҳи ба чунин фаъолиятҳо ҷалбу моил кардани афроди дигар айбдор мешавад. Тафсилоти дигари айбномаи зидди Алишери Исматзода ҳанӯз нашр нашудааст, вале бар асоси қисми якуми моддаи 205.1 ба ӯ ҳамчун ҷазо аз 7 то 15 соли зиндон бо ҷарима ба маблағи то 500 ҳазор рубл таҳдид мекунад.

Алишер Исматзода соли 1992 дар шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон ба дунё омадааст. Ӯ баъдан ба Маскав кӯчида, шаҳрвандии Русияро ба даст овардааст.

Исматзода мураббии тими духтарони гӯштингири то 16-солаи Русия ва тими писарони гӯштингири то 16-солаи шаҳри Маскав буд.

Моҳи майи соли 2024 Мӯсо Сантиков, ки Алишери Исматзода машқаш медод, дар чемпионати Аврупо соҳиби медали тило ва унвони қаҳрамони Аврупо шуд.

# ВАКИЛ 1 МИЛЛИОНРО ТАСАРРУФ КАРД

**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон аз тасарруф шудани беш аз як миллион сомонӣ, ё тақрибан 100 ҳазор доллар маблағҳои буҷетӣ аз тарафи як вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд аз Панҷакент хабар дод.**



Агентӣ хабар медиҳад, ки "вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд аз ҳавзаи интихоботии "Саразм", №29 - Усмонов Қ. И. дар вазифаи сардори Идораи давлатии бехдошти замин ва обёрии ҳавзаи дарёи Зарафшон фаъолият намуда, қасдан ва бо мақсади тасарруфи маблағҳои буҷетӣ зимни ичроиши корҳои сохтмонӣ дар иншооти "Сохтмони пойгоҳи обкашӣ дар мавзеи Дашти Қозии шаҳри Панҷакент" кубурҳои қаблан истифодашударо бо нархи нисбатан арзон харидорӣ намуда, дар як маврид фарқияти маблағи 1 миллиону 068 ҳазору 650 сомонии ба ин мақсад пешбинишударо, ки ба ӯ бовар карда супорида шуда, дар ихтиёраш қарор дошт, бо роҳи азонихудкунӣ ва сохтакории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ тасарруф намуд".

Оид ба ин ҳолат нисбати Усмонов Қ. И. бо моддаҳои 245, қисми 4, банди "б" ва 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ба суд ирсол гардидааст. Ин банди қонун ҷарима аз 1800 то 2700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 10 то 15 солро пешбинӣ мекунад.

# ПУЛҲОИ ҚАЛБАКӢ

## чӣ тавр онҳо ба гардиш баромаданд?

**Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе аз ошкор шудани як ҳолати истифода аз долларҳои тақаллубӣ дар пойтахт хабар дод. Қабл аз ин як нафар барои сохтани арзи 50-сомонӣ дар пойтахт боздошт шуда буд.**

Гуфта мешавад, ки шаҳрванд Тоиршоҳ Катамардов, сокини 27-солаи пойтахт доллари қалбакиро тавассути як нафар ҳаммаслакаш аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон ворид намуда, онро ба муомилот баровардааст. Ӯ бар ивази маблағи қарз ба як нафар ҷавони сокини пойтахт 11 адад 100-доллараи қалбакӣ пардохт намуда, ӯро фиреб кардааст. Ҳамзамон, вақти дастгир гардидан, аз ҷайби номбурда 21 адад 100-доллараи қалбакӣ дарёфту мусодира карда шудааст.

Айни замон Катамардов Т. дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, нисбаташ тибқи талаботи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.





Хотиррасон мекунем, ки чанде пеш милитсияи пойтахт шаҳрванд Ибодулло Саидови 51-соларо ҳамчун гумонбар барои тайёр кардан ва ба муомилот баровардани арзи тақаллубӣ дастгир карданд. Гуфта мешавад, ки номбурда бо истифода аз дастгоҳи чопӣ 50-сомонии тақаллубӣ омода мекардааст.

Ҳоло нисбати ӯ низ тибқи талаботи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Ин банди қонун маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз аз 5 то 15 солро бо мусодираи молу мулк пешбинӣ мекунад.

# АВВАЛ БӮҒӢ КАРДУ БАЪД БО КОРД КУШТ



**ВКД аз ошкор шудани як ҳодисаи куштори ҳамсари собиқ аз ҷониби шавҳар хабар медиҳад.**

"Марди 27-солаи сокини ноҳияи Вахш 26-уми июни соли 2024, тахминан соати 18 ба 19:00 собиқ ҳамсараш, ҷавонзани 22-солаи сокини шаҳри Душанберо ҳамроҳи духтари хурдсолаш ба наздаш даъват менамояд. Онҳо аз шаҳри Душанбе ба наздаш меоянд. Шаби 26 ба 27-уми июни соли 2024, тахминан соатҳои 00:30, баъди хоб рафтани собиқ ҳамсар ва духтарчааш мард ҳамсарашро бо дастонаш бӯғӣ кардааст, ки ҳамсараш аз ҳуш рафтааст. Сипас, бо мақсади пинҳон намудани ҷасад ӯро ба назди канали обгузар бурда, дар лаби канал гузошта мебинад, ки ӯ зинда аст. Ӯ бо мақсади аз ҳаёт маҳрум намудани зан бо корди кисагӣ дар қисмати рости гарданаш 5 маротиба задааст. Дар натиҷа, ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст...".

Ба сокини Вахш барои одамкушӣ бо бераҳмии махсус ҳамчун ҷазо аз 15 то 25 соли зиндон ё ҳабси умрбод таҳдид мекунад.



**Суди ноҳияи Басманнийи шаҳри Маскав поёни моҳи майи соли 2024 дар ғайбашон ҳукми ҳабси ду шаҳрванди Тоҷикистон Шарофиддин Гадоев ва Муҳаммадиқболи Садриддин (Садурдинов)-ро содир кардааст.**

"Медиазона" хабар дод, ки ба зидди ин ашхос бар асоси бандҳои "б" ва "д" қисми дуюми моддаи 207.3 Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи Қувваҳои мусаллаҳи Русия парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд.



**РВКД Душанбе рӯзи 1-уми июл, ҳамагӣ чанд соат баъди дар Интернет нашр шудани видеои латукӯби як духтар хабар дод, ки вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ муайян ва боздошт шудаанд.**

Боздоштшудагон Шарифов Шарифҷон, Мафтунаи Гулмаҳмад, Қурбонов Бобоҷон, Холмаҳмад Талбакзода ва Бобоев Мансур ҳастанд. Қазияи латукӯби як духтар 1-уми июл соати 5:30 дақиқаи субҳ, дар кӯчаи Лоҳутии ноҳияи Шоҳмансур рух додааст. Вобаста ба ҳолати мазкур парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.



**РВКД Душанбе рӯзи 29-уми июни соли 2024 аз боздошти як зани фолбини 50-сола хабар дод, ки бо ваъдаи гарм кардани муносибати шавҳараш ба маблағи беш аз 30 ҳазор доллар ороишоти як ҷавонзанро тасарруф кардааст.**

Бино ба иттилоияи нашршуда, шаҳрванд Ҳалимова Донагул, соли таваллудаш 1974, сокини шаҳри Душанбе, ки "аз соддагиву зудбоварии шаҳрвандон истифода мекард", дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, нисбаташ тибқи талаботи моддаи 247 Кодекси ҷиноятии ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

# ОФТОБСАР

## Роҳҳои осони пешгирии рехтани мӯй



**Рехтани мӯйи сар ё ба таъбири дигар бигӯем, калшавӣ ба беморӣ ва иллатҳои узвҳои дохилии инсон вобастагӣ дорад. Бо ҳамин роҳ ҷисм бонги изтироб мезанад, то ки соҳибаш аз паси табобат шавад. Табиби мардумӣ Насриддиншоҳ Садриддиншоев роҳҳои табобати халқии калшавиро ба шумо тавсия медиҳад.**

Албатта, табиат худаш кони дармон аст ва дар қатори дигар бемориҳо иллати калшавиро низ бо воситаи гулу гиёҳҳо метавон даво кард, вале барои он ки табобат самараи хуб диҳад, сарчашмаи асосии резиши мӯйи сар ва калшавиро пайдо кардан лозим аст.

Дар сурати решаи бемориро наёфта, таваккалан доруву дармон кардан, як муддат беҳбудӣ ҳосил шавад ҳам, баъди чанд вақт боз ба ҳамин мушкил рӯ ба рӯ гаштан мумкин аст. Ба ҳар сурат банда чанд давои халқиро тавсия медиҳам, то санҷида бинанд.

**АВВАЛ.** Шахсоне, ки мушкили рехтани мӯй ва калшавӣ доранд, агар тӯли як моҳ ҳар рӯз решаи гиёҳи аирро ҷӯшонида, обашро ба сарашон моланд, ин гиёҳоби муъҷизанок пӯсти сарро шифо бахшида, барои аз нав баромадани мӯйи сар ёрӣ мерасонад.

**ДУЮМ.** Барои табобати сари кал давои сегиёҳа тайёр кардан мумкин аст. Барои ин миқдори баробари гиёҳҳои сапали шутур (мать и мачеха), думи гов ва газнаро гирифта, омехта мекунед ва тахминан 30 грамм аз ин гиёҳҳои омехтаро дар зарфе андохта, аз болояш 1 литр оби ҷӯшидагӣ мерезед. Даҳони зарфро маҳкам карда, монед як-ду соат истад, баъд онро полонда, як рӯз пас, баъди саршӯӣ ба саратон мемолед.

Сеюм. Боз як давои хеле содае ҳаст, ки барои сари кал ва резиши мӯй таъсири хеле хуб дорад. Ин даво барги дарахти шафтолу мебошад. Чанд дона барги шафтолуро гирифта, нағзакак шӯеду кӯбед, сипас онро ба ҳамон чойҳои саратон, ки мӯяш рехтааст, мисли малҳам ғафсакак молед. Аз болояш селофан гузошта, бо рӯймол маҳкам баста хоб равед. Ин амалро чанд шаб такрор кунед, натиҷаашро мебинед.

# 7 РОҲИ ПЕШГИРӢ АЗ ЗАРАРИ КОМПЮТЕР

**Имрӯзҳо бисёриҳо рӯзи дароз бо компютер кор мекунанд. Зиёд нишастан дар назди компютер ба саломатии инсон зарар дорад. Мо ба шумо роҳҳоеро нишон медиҳем, ки шуморо аз хастагӣ ва беморӣ ҳифз мекунанд.**



**1.** Ҳангоми кор дар компютер, шумо бояд тахтапуштатонро рост нигоҳ доред. Сар, китф ва гардан бояд дар як сатҳ нигоҳ дошта шавад.

**2.** Фосиларо риоя кунед! Монитор бояд аз чашматон дуртар бошад. Байни монитор ва чашмони шумо бояд на камтар аз 50 см (масофаи дарозии даст) бошад. Баландии мониторро тавре танзим кунед, ки қисми болоии он дар сатҳи чашм бошад.

**3.** Мониторро тавре гузоред, ки дурахши тиреза ё рӯшноӣ шуморо ташвиш надиҳад. Агар шароит имкон диҳад, мониторро 10-20 дараҷа ба ақиб тела диҳед. Ин барои чашмони шумо бароҳаттар хоҳад буд.

**4.** Баландии клавиатура бояд дар сатҳи оринҷҳои шумо бошад. Клавиатураро 10 дараҷа ба ақиб хам кунед. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки дар вақти чоп кардан худро бароҳаттар эҳсос кунед.

**5.** Ба чашмони худ истироҳат диҳед, тез-тез ба атроф ба ашёҳои дур нигоҳ кунед.

**6.** Гоҳ-гоҳ аз курсиатон бархезед ва мушакҳои пушт ва дастҳоятонро машқ диҳед.

**7.** Фаромӯш накунед, ҳатто агар ҷои кори шумо оптималӣ бошад ҳам, ҳангоми муддати тӯлонӣ дар як мавкеъ кор кардан бадан зуд хаста мешавад. Аз ин рӯ, давра ба давра мавкеи монитор, клавиатура ва курсиро тағйир диҳед ва танзим кунед.

МАСЛИҲАТ

# АЗ ХИРАШАВИИ ЧАШМ ТО НОШУНАВОӢ

**Тибқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, ҳар сол дар дунё беш аз 5 миллион нафар аз беҳаракатӣ вафот мекунанд. Илова бар ин, ҳар рӯз дар як ҷо нишаста кор кардан ва ҳаёти бидуни машқҳои ҷисмонӣ сабаби пайдоиши бемориҳои гуногун мешавад. Яке аз онҳо остеохондрози гардан мебошад.**

Ин беморӣ имрӯз ба яке аз касалиҳои маъмултарин табдил ёфтааст.

Остеохондрози гардан асосан дар одамони аз 35-сола боло мушоҳида мешавад. Гардан қисми серҳаракати сутунмуҳра буда, рагҳои асаб ва артерияи сутунмуҳра аз он мегузарад. Вазифаи он бо хун таъмин кардани рагҳои хунгузар мебошад. Агар аз остеохондроз раги сутунмуҳра фишурда шавад, дар бемор ишемияи миён ва майна мушоҳида шуданаш мумкин аст. Аз ин рӯ, ба ин беморӣ беэътибор шудан хатарнок аст.

Ғайр аз ин, дар шахси гирифтори остеохондрози гардан дарди шадид ва бардавоми сар, чарх задани сар, хирашавии биниш, дарди ангуштон, нооромии дил, суст шудани шунавоӣ, карахтии забон, заифӣ, тангии нафас, тағйир ёфтани фишори хун барин аломатҳо мушоҳида мешавад. Ин аломатҳо аз оседи рагҳои хун шаҳодат медиҳанд. Дар шароити хона табобат кардани ин беморӣ ба оқибатҳои бад мерасонад. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани он ба духтур муроҷиат кардан лозим аст. Ҳар чӣ қадаре, ки беморӣ саривақт ошкор шавад, бемор ҳамон қадар тез ва осон сиҳат мегардад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Бояд роҳҳои ҳамдигарфаҳмиро бо ҳамсафари ҳаётии худ пайдо намоед. Аз рӯзи душанбе то рӯзи чоршанбе барои рафъи мушкилоти молиявӣ мусоид аст. Барои қарз гирифтану баргардонидани қарз ҳафтаи бобарор аст. Аз хариди калон худдорӣ намоед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Баъзе мушкилиҳои рӯзгорро рафъ намуда, муносибатро бо ҳамсафари ҳаётӣ беҳтар мегардонед. Агар қаблан байнатон нофаҳмиву низоъ вуҷуд дошта бошад, дилсиёҳиро аз байн баред. Масунияти баданатон паст шуда, гирифтори инфексияҳо гаштанатон имкон дорад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Нафарони муҷаррад бахти худро дар сафар пайдо карда метавонанд. Дар муносибатҳои ошиқона сардӣ ҳис карда мешавад. Дар ин рӯзҳо аз вохӯриҳои ошиқона худдорӣ намоед. Беҳуда асабӣ нашавед, вагарна охири ҳафта худро бад ҳис карда, азоби бехобӣ мекашед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Хавфи бемор шуданатон вуҷуд дорад, бинобар ин, ба саломатиатон аҳамияти хоса диҳед. Даромади пулӣ нимаи дуюми ҳафта ба даст меояд, вале пулро беҳуда сарф накунед, баъдтар барои ҳалли як мушкилӣ ба шумо маблағи калон лозим шуда метавонад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Нимаи аввали ҳафта барои илмомӯзӣ, сафар ва ободонии хонаву дар қулай аст, аъзои оила иқдоматонро дастгирӣ мекунанд. Нимаи дуюми ҳафта дар робита бо шиносону ҳамсояҳо мушкилӣ сар мезанад. Нисбати фикру ақидаи дигарон ботаҳаммул бошед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Нимаи аввали ҳафта касбу кори худро ривоҷ дода, даромади хуб ба даст меоред. Нафароне, ки бо илмомӯзӣ машғуланд, бо зеҳни тоза дониш аз худ мекунанд. Дар сафар ба нафаре ошиқ шуданатон имкон дорад. Мушкилоти иқтисодӣ хотиратонро мушавваш мегардонад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Барои рафъи афсурдаҳолӣ нимаи аввали ҳафта ба кошонаи ҳусн рафта, мӯятонро ранг кунеду тарзи либоспӯшиятонро тағйир диҳед. Мизонҳое, ки аз вазни зиёдатӣ азоб мекашанд, бояд аз пайи харобшавӣ шаванд. Баъзе одатҳои бади худро тарк намоед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ба ҳодисаҳои пурмуаммо ва ғайриоддӣ таваҷҷуҳ пайдо мекунед. Чизи дигаре, ки барои шумо муҳим аст, омӯзиш ва робита бо одамон аст. Нимаи дуюми ҳафта вазъи саломатиятон нохуб мегардад. Ташвишу хавотирии зиёд боиси баланд шудани фишори хун мегардад.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Нимаи аввали ҳафта нафаронеро пайдо месозед, ки дар амалӣ сохтани нақшаву ниятҳоятон саҳми худро мегузоранд. Ҳафта барои гузаронидани тафтишот ва хабарҳои махфӣ созгор аст. Агар хоҳиши пайдо намудани кори иловагиро дошта бошед, пешниҳоди хуб мешавад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Нимаи аввали ҳафта бо чанд нафаре шинос мешавед, ки дарҳол ба доираи дӯстони ҷониятон ворид мегарданд. Агар шумо дар сомонаҳои интернетӣ дӯстони зиёд дошта бошед, ба чанд мавзӯи баҳсталаб ҷалб мегардед. Яке аз дӯстонатон ба шумо изҳори муҳаббат мекунад.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Нимаи аввали ҳафта барои илмомӯзӣ ва пешравӣ дар мансаб мусоид меояд. Аз нафаре тухфа, кумак ва изҳори миннатдорӣ мебинед. Мустақилона вазъи молиявии худро беҳтар сохтан ба шумо муяссар намегардад, хусусан аввали ҳафта.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Айёми хубест барои сафарҳои дур, васеъгардонии ҷаҳонбинӣ, шиносоӣ ва муошират тавассути интернет. Имкони васеъ сохтани доираи дӯстонро пайдо мекунед. Аз ҳар амале, ки боиси ҷароҳат бардоштанатон мегардад, худдорӣ намоед.

# ҒОЛИБИЯТИ ХУРШЕД ИБРОҲИМЗОДА ДАР ОЗМУНИ ҶАҲОНИИ “МАҚОМ”

**Дар озмуни байналмилалии “Мақом”, ки имсол дар Ӯзбекистон баргузор гардид, мақомсарои шинохтаи тоҷик Хуршед Иброҳимзода сазовори ҷойи аввал, дипломи ҷоиза ва 10 ҳазор доллари ИМА шуд.**



Хуршед Иброҳимзода дар ин озмун 30 дақиқа ҳунарнамоӣ карда, панҷ сурудро иҷро кард ва аз рӯйи номинаи “Яккасарой” ғолиби ҷойи аввал гардид.

“Ман ғолибиятро интизор набудам. Вақте маро сазовори ҷойи якум эълон намуданд, ҳаяҷон маро фаро гирифт. Ифтихор менамоям, ки дар ин ҷашнвораи бузург санъату фарҳанги Тоҷикистонро муаррифӣ кардам”,- мегӯяд Хуршед Иброҳимзода.

Хуршед Иброҳимзода мегӯяд, ки аз рӯйи талаботи озмун ҳар як иштирокчи конкурс як силсилаасар аз сурудҳои шашмақом бояд иҷро мекард. “Мо якчанд сурудҳои навро бо номи силсилаи “савти ушшоқ”, “фурӯғи савти ушшоқ”, “ушшоқи Содирхон”, “соқиномаи савти ушшоқ”, “тавқинчаи савти ушшоқ” барои озмун омода кардем ва манзури тамошобинон ва ҳайяти ҳакамон намудем. Иҷро ва ҳунари мо аз тарафи ҳакамони озмун баҳои баланд гирифт”,- гуфт ӯ.

Ёдовар мешавем, ки Озмуни байналмилалии “Мақом” дар доираи Конференсияи II байналмилалии мақом аз 26 то 30-юми июн дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззахи Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар форуми мазкур 95 сароянда аз 16 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, Эрон, Қирғизистон, Чин, Марокаш, Туркманистон, Урдун, Ҷопон, Тунис, Ҳиндустон, Миср, Индонезия, Туркия, Қатар, Ӯзбекистон ва ғайра ширкат доштанд.

Тоҷикистонро дар ин озмун Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, солисти Консерваторияи миллии Тоҷикистон Хуршед Иброҳимзода намояндагӣ мекард.

Хуршед Иброҳимзода мақомсарои шинохтаи кишвар аст. Нахуст, дар ансамбли шашмақомсароёни ба номи Боймуҳаммад Ниёзови шаҳри Конибодом сабақ гирифтааст. Баъдан, дар факултети санъати ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров таҳсил намудааст. Соли 2001 дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб» ширкат карда, дар муҳити фарҳангии кишвар шинохта гардид.

Хуршед Иброҳимзода соли 2009 дар озмуни байналмилалии «Мақом» дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон ширкат варзида, сазовори Дипломи махсус гардид. Соли 2011 дар фестивал-озмуни бонуфузи «Шарқ тароналари» («Таронаҳои Шарқ») дар Самарқанд лауреати озмун ва дар Форуми байналмилалии «Мақом-2018», ки дар шаҳри Шаҳрисабзи Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузашт, соҳиби Шоҳҷоиза шуд.

# КИТОБИ ОЛИМ ПАС АЗ ВАФОТАШ ЧОП ШУД

**Китоби нави адабиётшиноси машҳури тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоев пас аз ду соли вафоти ӯ таҳти унвони «Адабиёти форсии тоҷикӣ дар Озарбойҷони асри XII» аз чоп баромад.**



Ин рисолаи илмиро адабиётшинос хеле пештар навиштаву бинобар надоштани маблағи зарурӣ барои чоп дар бойгонии худ нигоҳ медошт. Вай дар синни 86 (24-уми июни соли 2022) дар зодгоҳи худ - деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё ба хоби абад рафт. Ахиран, писари олим, доктори илмҳои филологӣ, профессор Масрур Абдуллозода масъули нашри ин асари арзишманд шуд ва нашриёти «Дониш»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон онро чоп кард. Китоб барои муҳаққиқон ва донишҷӯён манбаи омӯзишии судманд хоҳад гашт. Ин асари илмӣ аз дах бахш иборат буда, ба чуз пешгуфтор, маълумот дар бораи ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давр ва ҳаёти адабӣ, таҳлили ашъори шоирони машҳури он замон чун Абулаълои Ганҷавӣ, Иззуддини Шарвонӣ, Муҷири Байлақонӣ, Фалакии Шарвонӣ ва Хоқонии Шарвониро фаро гирифтааст. Муаллиф дар бораи эҷодиёти шоирони шуҳратёри форсигӯйи ҳавзаи адабии Озарбойҷони асри XII маълумоти арзишманд дода, эҷодиёти онҳоро хеле дақиккорона ва муфассал таҳлил кардааст.

**Шариф ХАЛИЛ**

# НАШРИ “КУЛЛИЁТ”-И РАҲИИ МУЪАЙЯРӢ

**Дар нашриёти “Истеъдод”-и шаҳри Душанбе “Куллиёт”-и шоири бузурги Эрон Раҳии Муъайярӣ ба нашр расид. Китоби мазкурро шоир ва пажӯҳишгари шинохтаи тоҷик Исмоил Зарифӣ ба нашр омода кардааст.**

“Куллиёт”-и Раҳии Муъайярӣ фарогири 160 ғазал, 28 ғазали нотамом, 37 рубоӣ, 43 қитъа, тагбайтҳо, 14 қасида, 20 маснавӣ, 45 тарона ва 197 шеърҳои сиёсӣ аст. Ҳамчунин, таҳиягари китоб доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Раҳии Муъайярӣ сарсухани муфассале низ навиштааст.

Раҳии Муъайярӣ соли 1909 дар Теҳрон ба дунё омад ва пас аз таҳсилоти олӣ вориди машоғили идорӣ шуд ва солҳо бо радио ҳамкорӣ дошт. Вай дар танзу фукоҳанависӣ ва таронасароӣ низ устод буд, аммо умдаи шуҳрати Раҳии Муъайярӣ ба хотири ғазалиёти ӯст, ки омезае аз латофат ва фасоҳа-




ти забони Саъдӣ, қуввату инсиҷоми баёни Низомӣ, шӯру ҳарорати каломи Мавлавӣ ва нозукхаёлиҳои Соиб аст.

Раҳии Муъайярӣ, ки то охири умр муҷаррад зист, 15-уми ноябри соли 1968 пас аз ранҷи тӯлонӣ аз бемории саратони меъда даргузашт ва дар мақбараи Захируддавлаи Шамирон ба хок супурда шудааст.

Эҷодиёти Раҳии Муъайярӣ дар Тоҷикистон ба воситаи Одина Ҳошим ва Олим Бобоев суруда шудааст.

**Ф. БОБОЕВА**

## МАВЛУДНОМА

**• 4 ИЮЛ •**

**Абдуҷалил Бобокалонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

**Абдуҷаббор Ғаффоров** (1954), 70-солагиии зодрӯзи журналист.

**Абдулғанӣ Маҳмадазимов** (1964), 60-солагии зодрӯзи сиёсатшинос.

**• 5 ИЮЛ •**

**Усмонҷон Каримов** (1934-2012), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Негматулло Муҳаммадиев** (1909-1987), 115-солагии зодрӯзи сароянда, оҳангсоз, мутриб.

**Франтишек Михалский** (1904-1979), 120-солагии зодрӯзи шарқшиноси поляк (лаҳистонӣ), муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**Павел Савелев** (1814-1859), 210-солагии зодрӯзи шарқшинос ва сиккашиноси рус, муҳаққиқи алоқаҳои тиҷоратии Шарқу Ғарб ва тангашиноси асрҳои 7-11-и Осиёи Марказӣ.

**• 6 ИЮЛ •**

**Абҳадии Мароғӣ** (1274-1338), 750-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**Серофима Лартсева** (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**• 7 ИЮЛ •**

**Файзулло Амиршоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Неъматҷон Бобоҷонов** (1939-1992), 85-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Назаршо Назаршоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Сайвалӣ Раҳмонов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров** (1944-2006), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**• 8 ИЮЛ •**

**Николай Каюков** (1904-1990), 120-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Борис Серебряков** (1904-1981), 120-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Меҳрдоди Авасто** (1929-1991), 95-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**• 9 ИЮЛ •**

**Тошхӯҷа Асирӣ** (1864-1916), 160-солагии зодрӯзи шоир.

**Тамара Волинская** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Григорий Новиков** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

**Итало Питси** (1849-1920), 175-солагии зодрӯзи шарқшиноси италиявӣ, «Шоҳнома»-ро дар ҳашт ҷилд тарҷума ва нашр кардааст.

**• 10 ИЮЛ •**

**Муҳаммадқул Нарзиқулов** (1914-1985), 110-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, академики АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Саидмурод Ҳоҷиев** (1939), 85-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

### ►ҲАВЛӢ

►Ҳавлӣ, 5 дар хона, 156 м.м., 4 сот. замин, канализатсия, обу барқ доимӣ, нишонӣ: 1 Советский, к. Возеҳ 3, 140.000 в.ш. (бо сомонӣ), савдо мешавад. Тел.: 918-85-63-69

►Дарси математика барои синфҳои болой. Тел.: 98-745-18-78

## ОМӮЗИШ

►Дарсҳои иловагӣ барои синфҳои аз 1 то 4, бо боварии том. Тел.: 987-53-45-75

## НИЁЗ ДОРЕМ

►Сехи мебелбарории "Мебели Бонуфуз" ба устоҳои мебел ниёз дорад. Нишонӣ: аэропорт, "Техно Сила". Тел.: 907-55-52-52

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0957263 ба номи Лапина Фарида Муқимҷоновна, ки соли 2021 аз МТМУ №42-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ, №26562, ба номи Гулов Маҳмадсафи, бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Дучинора б/р, аз 03.08.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №9618, аз 19-уми марти соли 2021, шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Хирманак, ба номи Гулов Маҳмадсафи, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ, №10493, ба номи Усмонов Саидмурод Фатоевич, ш. Ҳисор, кӯчаи Н. Каюмов б/р, аз 21.12.1998, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос тибқи қонун бо реестри №2М-246 аз 26-уми октябри соли 2009 ба номи Скуратов Владимир Александрович ва Скуратов Валерий Викторович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Савдо 1, ҳ. 15, ки дар нотариуси Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият даровварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хона тахти феҳристи №3ДШ-627, ки аз 28.12.2021 байни Неъматов Орзубек Ҳисориевич ва Раҷабов Саидрахмон Тавакалович, бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 152, ҳ. 29, дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ ба номи Раҷабов Саидрахмон Тавакалович, бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 152, ҳ. 29, 3-юми сентябри 2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши кв. тахти феҳристи №1Ш-1300 аз 03.12.2021, байни Рабихзода Садриддини Наҷмиддин ва Неъматов Орзубек Ҳисориевич, бо суроғаи ш. Турсунзода, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 152, ҳ. 29, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №5875, аз 28.12.2021, аз варақаи бақайдгирии №11-011-000152-01-018 ба номи Неъматов Орзубек Ҳисориевич, бо суроғаи ш. Турсунзода, квартали 011, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 152, ҳ. 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №9758, аз 28.12.2021, ба номи Неъматов Орзубек Ҳисориевич, бо суроғаи ш. Турсунзода, квартали 011, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 152, ҳ. 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, дараҷаи А, №0014903, аз 13-уми апрели соли 2016, рақами қайд №258, ба номи хоҷагии деҳқонии "Саид" Юсупов Нуриддин, ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Чорбоғ, Кумитаи замини ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №12801, аз 20-уми майи соли 2019, ба номи Синько Антон Валентинович, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, хонаи №92, ҳуҷраи 28, беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►Соҳибкори инфиродӣ ба номи Лутфулло Қудратов Саъдуллоевич, №0471005, РМА: 145857530, РЯМ: 0430329497 барҳам мехӯрад.

►ҶДММ "Тоҳириён ва зоҳириён", №0267811, РЯМ:0310021901, РМА: 030033778 барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Monitoring and Evaluation/Reporting Analyst (HIV/AIDS and TB Project), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 19084/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 10 July 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

**ФУТБОЛ**

# ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР «ҶОМИ МЕРДЕКА» ШИРКАТ МЕКУНАД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар 42-юмин мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми Мердека», ки дар моҳи сентябр баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.**

Дар ин мусобиқа ба ҷуз аз дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон тимҳои миллии Малайзия, Лубнон ва Филиппин ширкат мекунанд. Тибқи низомнома дастаҳо ду ҷуфти даври ниманиҳоиро ташкил дода, сипас ғолибон дар финал ва мағлубшудагон дар бозӣ барои ҷойи сеюм вомехӯранд.

Мусобиқаи «Ҷоми Мердека» аз 2 то 10-уми сентябр дар Куала-Лумпур баргузор мешавад.

Тими миллии Тоҷикистон барандаи феълии «Ҷоми Мердека» мебошад. Соли гузашта дастаи Тоҷикистон бо роҳбарии мураббӣ Петер Шегрт дар финали мусобиқа бар Малайзия бо ҳисоби 2:0 ғалаба карда буд.

Бояд гуфт, ки рақибони дастаи Тоҷикистон дар даври гурӯҳии мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2027, ки 25-уми марти соли 2025-уми шуруъ мешавад, 19-уми декабр маълум мешаванд.



**ОЛИМПИАДА-2024**

# ҶАҲОНГИР МАҶИДОВ БА БОЗИҲОИ ОЛИМПИИ ПАРИЖ-2024 МЕРАВАД

**Паҳлавони маъруфи тоҷик Ҷаҳонгир Маҷидов дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 ширкат мекунад. Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) дар Олимпиада Муҳаммадсолеҳ Қувватовро (-60 кг) иваз мекунад.**

Қувватов дар вазни то 60 кг бо квотаи корагӣ (Continental Qualification) соҳиби роҳхати Бозиҳои Олимпӣ шуда буд ва бо сабаби ҷароҳат гирифтан наметавонад дар мусобиқа иштирок намояд. Ҳамин тавр, Ҷаҳонгир Маҷидов, ки имтиёзҳои лозимаро дорад, ба ҷойи Қувватов дар Бозиҳои олимпӣ ширкат мекунад.



Ҷаҳонгир Маҷидов давоми чанд моҳи охир барандаи медали биринҷии Чемпионати ҷудои Осиё ва Гранд-Слами Душанбе шуда, дар рейтинги ҷаҳонии ҷудо дар мақоми ҳафтум аст.

Ёдовар мешавем, ки ҷудокорони тоҷик бори аввал дар таърих соҳиби 6 роҳхати олимпӣ шуданд. Эмомалии Нуралӣ (-66 кг), Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг), Комроншоҳ Устопириён (-90 кг), Темур Раҳимов (+100 кг) ва тариқи квота Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) дар Бозиҳои Олимпии Париж-2024 Тоҷикистонро намояндагӣ хоҳанд кард.

**ФУТЗАЛ**

# ШОГИРДОНИ ПАЙРАВ ВОҲИДОВ БА ҶОМИ ҶАҲОН ОМОДА МЕШАВАНД

**Мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов омодагиҳоро ба Ҷоми ҷаҳон-2024, ки аз 14-уми сентябр то 6-уми октябр дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, оғоз кард.**

Дастаи футзали Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ба ҷамъомади таълимиву тамринӣ шуруъ кард, ки то 17-уми июл идома мекунад. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон баъди ҷамъомад барои ширкат дар мусобиқа бо ширкати тимҳои миллии Ӯзбекистон, Беларус ва Гватемала ба Бухоро сафар мекунад.

Дар Чемпионати ҷаҳонии футзал-2024 дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «Е» бо дастаҳои яккачини Марокаш (16-уми сентябр), Португалия (19-уми сентябр) ва Панама (22-юми сентябр) бозӣ мекунад.




**ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТАҲО ПАС АЗ ДАВРИ 12 БА ТАНАФФУС БАРОМАДАНД

**Пас аз даври 12-уми Лигаи олии футболи Тоҷикистон дастаҳо ба танаффуси тобистона рафтанд, ки бештар аз як моҳ тӯл мекашад.**

Дастаи «Кӯктош», ки гуфта мешуд, шояд аз идомаи мусобиқот даст кашад, дар шаш бозии охираш аввалин бор имтиёзро ба даст овард. Дар бозии «Кӯктош» ва «Ҳосилот» ҳисоби 0:0 ба қайд гирифта шуд.

Голи Салоҳиддин Эргашев ба «Вахш» дар дидор муқобили «Регар-ТадАЗ» пирӯзӣ овард - 1:0. «Равшан» марҳилаи дуюмро бо пирӯзӣ шуруъ



кард. Футболбозони шаҳри Кӯлоб дастаи «Барқчӣ»-ро бо ҳисоби 2:1 мағлуб карданд.

Дербии шаҳри Хуҷанд ба нафъи "Хуҷанд" ба анҷом расид. «Эсхата» бо ҳисоби 0:2 шикаст хӯрд.

«Панҷшер» тавонист, ки аз дастаи дуюми ҷадвал - КМВА имтиёз ситонад. Ин бозӣ бе задаги гол ба анҷом расид.

Бозии байни дастаҳои «Истаравшан» ва «Истиқлол» ба далели омода набудани варзишгоҳҳои шаҳри Истаравшан ба вақти дигар гузошта шуд.

Дастаҳо баъди анҷоми ин давр то 9-уми август истироҳат мекунанд. Сипас, дар ин рӯз «Барқчӣ» бо «Истаравшан» ва «Регар-ТадАЗ» бо «Кӯктош» бозӣ мекунанд. Вохӯриҳои дастаҳои «Истиқлол» бо «Вахш» ва «Ҳосилот» бо «Хуҷанд» рӯзи 10-уми август, КМВА бо «Эсхата» ва «Панҷшер» бо «Равшан» рӯзи 11-уми август ба нақша гирифта шудаанд.

**РЕЗААХБОР**

Паҳлавонони Тоҷикистон дар мусобиқаи Russian Judo Tour-2024, ки дар шаҳри Челябинск баргузор шуд, ду медал ба даст оварданд. Масъуди Аҳмадзод соҳиби медали тило, Абубакр Шеров соҳиби медали нуқра шуданд. Умед Раҷабов дар вазни 90 кг ҷойи панҷумро гирифт. Дар ин мусобиқа паҳлавонҳо аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Муғулистон, Қирғизистон, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Сербистон ва Юнон ширкат карданд. Дар умум 350 ҷудокор ҳузур доштанд.

***

Ҷуфтҳои чорякфиналии Евро-2024 муайян шуданд. Дар Чемпионати Аврупо-2024 ҳамаи бозиҳои даври 1/8-ниҳоии мусобиқот ба анҷом расиданд. Дар чорякфинали Ҷоми Аврупо Олмони мизбон бо Испания, Португалия бо Фаронса, Нидерландия бо Туркия ва Англия бо Швейсария бозӣ мекунанд. Бозиҳои 1/4-ниҳоии Ҷоми Аврупо-2024 рӯзҳои 5 ва 6-уми июл баргузор мешаванд.

***

Марҳилаи гурӯҳии Ҷоми Амрико-2024 ба анҷом расид. Бар асоси натоиҷи марҳилаи гурӯҳӣ 8 дастаи даври плей-оффи мусобиқа муайян шуданд. Аргентина дар даври чорякниҳоии мусобиқот бо тими миллии Эквадор бозӣ мекунад. Бразилия, ки дар гурӯҳ ҷойи 2-юмро гирифт, бо Уругвай вомехӯрад. Колумбия бо дастаи Панама бозӣ мекунад. Боз як ҷуфти чорякфинал Венесуэла - Канада аст. Бозиҳои 1/4-ниҳоии Ҷоми Амрико-2024 аз 5 то 7-уми июл баргузор мешаванд.

***

Дастаи "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе пас аз анҷоми қарордоди ҳамкорӣ бо Алиҷон Кароматуллозода ва Кабир Салимшоев хайрухуш кард. Бо ризоияти тарафайн қарордоди ҳамкорӣ бо ду футболбози хати ҳимоя ва нимҳимоя катъ карда шуд. Алиҷон Кароматуллозода ва Кабир Салимшоев фаъолияти бозингарии худро дар бошгоҳҳои дигар идома хоҳанд дод.





### Мавиз

Дар айни гармии ҳаво зан аз мағоза бармегардад. Шавҳар халтаҳои пурборро аз назар гузаронида, мепурсад:
- Ту барои чӣ мавиз харида овардӣ?
Зан дар ҷавоб:
- Вақте ман дар бозор харид мекардам, ин мавиз ҳоло ангур буд.

### Ғуруб

Шер аз заррофа, ки ба мулоқот дер кард, мепурсад:
- Ту барои чӣ ин қадар дер омадӣ? Охир, мо маслиҳат кардем, ки ҳангоми ғуруби офтоб вомехӯрем!
Заррофа дар ҷавоб:
- Охир, ман ҳоло ҳам офтобро дида истодаам!

### Гол

Муаллима ҳангоми дарс аз талабаҳо мепурсад:
- Бачаҳо, канӣ кӣ калимаеро номбар мекунад, ки ҳарфи "О" дорад?
Як хонанда:
- Доно.
Хонандаи дигар:
- Тавоно, зебо...
Муаллима:
- Офарин, канӣ боз кӣ калимаеро номбар мекунад, ки аз ҳама зиёд ҳарфи "о" дорад?
Писарбачае аз ҷояш хеста, мегӯяд:
- Гоооооооооол!

### Кӯкнор

Ду бангӣ кӯкнор мекашанд. Якеаш ба дигарӣ мегӯяд:
- Мегӯянд, ки кӯкнор умри инсонро ду маротиба кам мекунад. Масалан, ту ҳозир чандсолаӣ?
Бангии дуюм:
- 30-сола шудам.
- Ана дидӣ, агар кӯкнор намекашидӣ, ҳозир 60-сола мешудӣ!

### Милтиқ

Писарбача аз падараш мепурсад:
- Дадаҷон, милтиқ аз автомат чӣ фарқ дорад?
Падар дар ҷавоб:
- Милтиқ монанди гап задани ман асту автомат мисли гап задани очаат!

### Гӯш

Писарбача аз падар мепурсад:
- Дада, чаро одамизод ду гӯш дорад?
Падар:
- Барои он ки вақте зан гап мезанад, аз як гӯши мард даромада, аз гӯши дигарӣ баромада равад!

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## ЛАТИФАҲО

Ба дайдуе хона доданд. Ҳасрат кард, ки ҳазор хона доштам, акнун як хона ҳоҳам дошт.

***

Кирми ахлоттӯдаеро гирифта ба рӯи себи хубоний гузоштанд. Шикоят кард, ки маро аз ҷойи гармам бечо карданд.

***

Ҳазор пишак халал расонад ҳам, ягонтои онҳоро пишт намегуфт. Метарсид, ки мабодо дар байни онҳо пишаки сардор ҳам бошад.

***

Рӯбоҳ рӯ ба моҳ кард ва гуфт:- Аҷаб ҷонвари зебо, вале афсӯс, ки дум надорад.

***

Азбаски ҳини «даҳони пӯшида сад тилло» гуфтанаш даҳонаш кушода шуд, «кирдораш ба гуфтораш монанд не» гӯён, касе ба гапаш бовар накард.

***

Нодон саркор - ба кор сарбор.

***

Дар хоҷагии кишоварзии мо ҳама ихтисосманданд: шолипарвар, чорвопарвар, ниҳолпарвар... Ҳатто, раиси аслан беихтисосамон низ ихтисос дорад: шикампарвар.

***

Булҳавас дар дили ҳеҷ як зан доиман ҷойгузин нашавад: ӯ ҳамеша ичорашин аст.

***

Шиками калонаш ба чаҳонбиниаш халал мерасонд.

***

Ҷонишини сардор қаторагест, ки аз релс баромадани он фанои он аст.

***

Ба кӯҳони шутур устои панҷарасоз бо ҳавас менигараду устои чӯбтарош бо афсӯс.

***

Ҳини майнӯшӣ кам хӯрдани газак худ газаки табъи дили хасис аст.

***

Ҳар корпартой карда бошад ҳам, борпартой карда натавонист: онро ба пушташ сахт баста буданд.

***

Замистони Ватан сахт омада, дили баъзе ватандоронро нисбат ба он хеле хунук кард.

***

Талаби мушонро ба инобат гирифта, ба онҳо иҷозати гирдиҳамой доданд. Ва ҷойи гирдиҳамоиро низ қатъан муайян намудаанд: гурбахона.

***

Алифбои Брайл аслан на барои кӯрон, балки барои ҳасисон аст. Онҳо онро омӯхта, метавонанд бидуни истифодаи барқ дар торикӣ низ мутолиа кунанд.

***

Пашша ба одам ҳасад бурдааст, ки ҳар қадар ширинӣ хӯрад ҳам, ҳеҷ гоҳ ба пиёлаи ширинӣ намеафтад.



**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

